**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»**

«Мувофиқа шуд»
Ректори Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон
__________ Ибодзода З.Х.
«___» ________ 2022 с.

«Тасдиқ мекунам»
Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
__________ Саидзода Р.Ҳ.
«___» ________ 2022 с.

# БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ
# АЗ РӮИ САМТ (ИХТИСОС)

Самти ихтисос: 79 - Пешгирӣ, ташхис, табобат, офият ва ташкили тандурустӣ
Гурӯҳи ихтисосҳо: 79 01-Пешгирӣ, ташхис, табобат, офият ва ташкили тандурустӣ
Ихтисос: 1-79 01 01-Кори табобатӣ
Тахассус: Духтур
Дараҷаи академӣ: Мутахассис
Мӯҳлати таҳсил: 6 сол

Душанбе-2022

Wondershare
PDFelement

# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

**«Маъқул дониста шуд»**
Шӯрои олимони МТҒ «ДТИТ»»
Протоколи №_19_
аз «28» ___ с. 2022

Раиси Шӯро__________ Ибодзода З.Х.

**«Тасдиқ карда шуд»**
Директори Маркази ҷумҳуриявии
таълимӣ-методии назди Вазорати
маорфи ва илми Ҷумҳурии
Тоҷикистон
__________ Р. Мирзозода
«__» ________ с.2022

**БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ**
**АЗ РӮИ САМТ (ИХТИСОС)**

Самти ихтисос: 79 - Пешгирӣ, ташхис, табобат, офият
ва ташкили тандурустӣ
Гурӯҳи ихтисосҳо: 79 01-Пешгирӣ, ташхис, табобат, офият
ва ташкили тандурустӣ
Ихтисос: 1-79 01 01-Кори табобатӣ
Тахассус: Духтур
Дараҷаи академӣ: Мутахассис
Мӯҳлати таҳсил: 6 сол

Душанбе-2022

Wondershare
PDFelement

# МУНДАРИҶА

1. Муқаррароти умумии барномаи таҳсилотӣ ……………………….4
2. Ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи мундариҷа ва раванди татбиқи барномаи таҳсилотӣ ……………………..........................................8
3. Ҳадди ақали ҳатмии мазмун ва мундариҷаи барномаи таҳсилотӣ аз рӯи ихтисоси 1-79 01 01-Кори табобатӣ ……………..………........................9-16
4. Муҳлати азхудкунии барномаи таҳсилотӣ …………..………………17
5. Шароитҳои амалигардонии барномаи таҳсилотӣ …………….........17-21
6. Мундариҷаи маҷмӯи ҳуҷҷатҳои барномаи таҳсилотӣ аз рӯи ихтисоси 1-79 01 01-Кори табобатӣ ………..………..………….........................21-23
7. Аттестатсияи хатм аз рӯи ихтисос …………………………….............23
8. Низоми дохилии таъмини сифат тибқи барномаи таҳсилотӣ ………..23-25
9. Идоракунии тағйирот ……………………………………...............26
Замимаҳо…………………………………..........………………......27-55

Wondershare
PDFelement

Wondershare PDFelement

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО

ВМ ва И ҶТ– Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

СДТ МОК– Стандарти давлатии таълимии маълумоти олии касбӣ

МОТ – муассисаи олии таълимӣ

БТ – барномаи таълимӣ

ННТ – нақшаи намунавии таълимӣ

БТК– барномаи таълимии корӣ

ШИМ – шӯрои илмӣ-методӣ

БТФ– барномаи таълимии фан

РФЭ – реестри фанҳои элективӣ

ФУТ – фанҳои умумитаълимӣ

ФҲ – фанҳои ҳатмӣ

ФИ – фанҳои ихтисосӣ

ФЗ – фанҳои заминавӣ

ШСТ – шуъбаи сифати таълим

ҲПО – ҳайати профессорону омӯзгорон

КАХ – комиссияи аттестатсионии хатм

КИТ – корҳои имлӣ-тадқиқотӣ

КМДО – кори мустақилонаи донишҷӯ бо омӯзгор

КМД– кори мустақилонаи донишҷӯ

НР – назорати рейтингӣ

НҶ – назорати ҷамъбастӣ

GPA – (GradePointAverage) – балли миёна

МТҒ «ДТИТ» – «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»

Wondershare PDFelement

# 1. МУҚАРАРОТИ УМУМИИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ

**1.1. Маълумот оид ба ихтисос**

Ном, рамзи ихтисос 1-79 01 01 «Кори табобатӣ» ба Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 349 аз 30 июни соли 2007 тасдиқ карда шудааст.

Барномаи таълимӣ аз рӯи ихтисоси 1-79 01 01 «Кори табобатӣ» аз тарафи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Иҷозатномаи давлатӣ: Т-ИФ №0000001 аз 03.08.2020 ва Шаҳодатномаи давлатӣ: Т-АД №0000095 аз № 12.05.2021 (№27) ба мухлати 5 сол аккредитасия шудааст. Мухлати амали шаҳодатнома: 12.05. 2026.

Барномаи мазкур аз рӯи ихтисоси 1-79 01 01 «Кори табобатӣ» «30» июни соли 2022 баррасӣ шудааст ва аз 1 сентябри соли 2022 эътибор пайдо мекунад.

**1.2**. **Тахассуси хатмкунанда**

Баъди азхуд намудани барномаи таълимӣ аз рӯи ихтисоси 1-79 01 01 «Кори табобатӣ» аз рӯи шакли рӯзонаи таълим ба хатмкунанда дода мешавад:

- тахассуси - табиб;

-дараҷаи академикӣ - мутахассис.

**1.3. Баёни умумии тахассуси хатмкунанда (натиҷаҳои интиҳоии таълим). Хатмкунандае, ки тахассуси табиб гирифтааст, бояд омода бошад:**

**1. Принсипҳои қонунгузорӣ ва этикиро ҳангоми кор кардан ба роҳбарӣ мегирад.**

Меъёрҳои этикиро риоя намояд, ҳолати мусбати эмотсионалӣ ва ҷисмонии ниёзмандонро (патсиент) нигоҳдорӣ намояд; масъулияти ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва этикиро риоя намояд.

**2. Муносибатҳои муҳимро нисбати воқеияти ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба роҳбарӣ гирифта кор кунад**

Масъалаҳо ва равандҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ аҳамиятнокро барои ташаккули ҷаҳонбинӣ таҳлил намояд.

**3. Малакаҳои мухобиравӣ дошта бошад**

Малакаҳои мухобиравиро ҳангоми кор бо патсиентҳо ва хешовандони онҳо бо ду забон, ҳамкорон ва ҷамъият самаранок истифода барад.

Малакаҳои корро дар гурӯҳҳо ва ҳамкории самаранокро дар дастаи байнифаннӣ намоиш диҳад.

**4. Дар тадқиқотҳои тиббӣ усулу муносибати илмиро истифода барад**

Донишу малакаҳои барои инкишофи муттаасили касбии гирифтаашро амиқ ва васеъ намояд.

**5. Технологияи иттилоотиро дар тиб истифода барад.**

Натиҷаҳои тадқиқотӣ дар адабиёти илмии тиббӣ овардашударо ба таври танқидӣ баҳо диҳад ва онҳоро дар кори ҳаррӯза истифода барад. Принсипу донишҳои илмии тибби собиткунандаро ба амалия ва тадқиқотҳои тиббӣ истифода барад. Технологияи иттилоотиро дар тиб барои гирифтан ва таҳлили иттилоот самаранок истифода барад.

**6. Илмҳои биотиббӣ ва клиникӣ ва принсипҳои асосии онҳоро фаҳмад**

Дониши илмҳои биотиббӣ ва клиникиро барои баҳодиҳии ҳолати умумии патсиент, дар вай ошкор намудани аломату алоимҳои (синдромҳои) беморҳои паҳншуда ва хатарнок барои таъмин намудани муносибати мутамарказ нисбати патсиент барои банақшадарории чорабиниҳои профилактикӣ, ташхисӣ ва муолиҷавӣ истифода барад.

Wondershare PDFelement

**7. Ба патсиентҳо машварат диҳад**

Ба патсиентҳо машварт диҳад, анамнез, шикоятҳоро ҷамъоварӣ намояд, муоинаи ҷисмонӣ гузаронад, ҳолати бемор, натиҷаҳои муоина ва тадқиқотҳои лабораториро баҳо диҳад, ташхиси тафриқанок гузаронад, нақшаи муолиҷаро тартиб диҳад.

**8. Ташхис намояд ва шарҳи клиникӣ диҳад**

Натиҷаҳои муоина ва тадқиқи патсиентро барои гузаронидани ташхиси тафриқанок, гузоштани ташхиси пешакӣ таҳияи нақшаи муолиҷа, мониторинги ҳолати патсиент дар динамика бо таҳияи минбаъдаи эпикризи ҷавобдиҳиро тафсир намояд.

**9. Кӯмаки оҷилии таъхирнопазири тиббӣ расонад**

Дар марҳилаи то беморхонавӣ, аз ҷумла кӯмаки аввалияи тиббӣ ва реаниматсия кӯмаки таъхирнопазири тиббӣ расонад.

**10. Маводи доруворӣро бехатар, самаранок ва сарфакорона истифода барад**

Муолиҷаи доругиро бо назардошти бехатарӣ ва самаранокӣ, самараи иловагии маводи доруворӣ таъин намояд, ба патсиент оид ба дору маълумот диҳад.

**11. Муолиҷаи бехатар ва самаранок гузаронад**

Ба патсиент оид ба илоҷияҳои ташхисӣ ва табобатӣ иттилоот диҳад ва онҳоро дар амалияи клиникӣ истифода барад.

**12. Дар заминаи тиббӣ иттилоотро ба таври самаранок истифода барад**

Дақикӣ ва пуррагии иттилоотро ҳангоми пур кардани ҳуҷҷатҳои тиббӣ риоя намояд ва махфияти иттилоотро риоя намояд; ҳамеша принсипи «сирри тиббӣ» дар амалияи тиббиро риоя намояд.

**13. Принсипҳо, усулҳо ва донишҳои психологиро дар амалияи тиббӣ истифода барад**

Консепсияҳои психологии солимеро истифода барад, ки ба ҷараён ва оқибати беморӣ таъсир мерасонанд. Тамоюлҳоро аз меъёрҳои солимии психологии патсиент тафриқа намояд, барои ба дигаргуниҳои ҳаёт мутобиқ шудан кӯмак расонад.

**14. Барои саломатии патсиент мубориза барад ванигоҳубини беморонро такмил диҳад.**

Малакаҳои нигоҳубини бемор ва расонидани кӯмаки аввалияи тиббию санитариро намоиш диҳад.

**15. Принсипҳо, усулҳо ва донишкадаро оид ба ҳолати саломатии аҳолӣ, беҳтар намудани он ва умуман системаи тандурустиро истифода барад**

Принсипҳои асосии солимгардонӣ, назорати беморшавиро истифода барад. Чорабиниҳои пешгирикунанда ва солимгардониро дар байни аҳолӣ гузаронад.

**1.4. Талабот оид ба дараҷаи хатмкунанда:**

Хатмкунандае, ки барномаи мутахассисро аз худ намудааст, вобаста ба намудҳои касбӣ, ки ба он барномаи мутахассисӣ равона карда шудаанд, бояд ба натиҷаҳои таълим мувофиқат намояд, ки дар банди 3.9 ҳуҷҷати мазкур нишон дода шудааст.

**1.5. Доираи фаъолияти хатмкунанда.**

Хатмкунанда аз рӯи ихтисоси 1-79 01 01 – Кори табобатӣ барои идома додани таълим дар дараҷаи баъдидипломӣ ба мақсади гирифтани тахассуси тиббӣ ва имконияти кор дар муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббӣ-санитарӣ ва муассисаҳои муайянкардаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ мувофиқи муқаррароти қабулшуда омода карда шудааст.

Соҳаи фаъолияти касбии хатмкунанда аз рӯи ихтисоси «Кори табобатӣ» маҷмӯи технологияҳо, воситаҳо, усулу роҳҳои фаъолияти касбиро дар бар мегирад, ки ба нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани саломати аҳолӣ бо роҳи расонидани кӯмаки босифати тиббӣ (муолиҷавӣ-профилактикӣ, тиббӣ-иҷтимоӣ) ва назорати диспансерӣ равона карда шудаанд.

**Намудҳои фаъолияти касбии мутахассис:**

Хатмкунанда, ки тахассуси «табиб»-ро аз рӯи ихтисоси «Кори табобатӣ» гирифтааст, ба намудҳои зерини фаъолияти касбӣ омода карда шудааст:

- тиббӣ;
- ташкилӣ-идоракунӣ;
- илмӣ-тадқиқотӣ;

Намудҳои мушаххаси фаъолияти касбӣ, ки ба он хатмкунанда омода карда мешавад, аз тарафи муассисаи олии таълимӣ якҷоя бо таълимгирандагон, ҳайати профессорону омӯзгорони МТҒ «ДТИТ» ва иттиҳодияҳои кордиҳандагон муайян карда мешаванд.

Хатмкунанда аз рӯи ихтисоси «Кори табобатӣ» малакаҳои зерини касбиро вобаста ба намудҳои фаъолияти касбӣ намоиш медиҳад.

***Дар доираи фаъолияти тиббӣ:***

- ҳолати морфофунксионалӣ, физиологӣ ва равандҳои патологиро дар организми одам барои ҳалли вазифаи касбӣ баҳо диҳад;
- моводи доруворӣ ва дигар маводҳо, комбинатсияи онҳоро барои ҳалли вазифаи касбӣ истифода барад;
- малакаҳои пешгирӣ намудани пайдоиши бемориҳо дар байни аҳолӣ бо роҳи гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ ва зиддиэпидемиявиро намоиш диҳад;
- муоинаҳои профилактикии тиббӣ, диспансеризатсия ва назорати диспансериро гузаронад;
- ташхиси бемориҳои нисбатан бештар дучоршаванда ва ҳолатҳои патологиро дар кӯдакон, наврасон ва аҳолии калонсол дар асоси усулҳои клиникӣ ва лабораторию таҷрибавӣ тадқиқот гузаронад;
- ташхиси ҳолатҳои таъхирнопазирро дар кӯдакон, наврасон ва аҳолии калонсол ва сари вақт барои расонидани кӯмаки махсусгардондашуда фиристодани патсиентро гузаронад.
- ташхиси ҳомиладорӣ ва қабули зоишҳои физиологиро гузаронад;
- кӯмаки аввалияи тиббӣ-санитариро ба аҳолӣ дар шароитҳои амбулаторӣ ва дар шароити статсионари рӯзона мерасонад;
- малакаҳои расонидани кӯмаки аввалияи тиббӣ-санитариро ҳангоми бемориҳо, ҳолатҳои ногаҳонии шадид, хуруҷи бемориҳои музминҳоро намоиш медиҳад, ки бо таҳдид ба ҳаёти патсиент ҳамроҳӣ намекунанд ва кӯмаки фаврии тиббиро талаб намекунанд;
- кӯмаки фаврии тиббиро ҳангоми ҳолатҳое мерасонад, ки дахолати фаврии тиббиро талаб мекунанд;
- малакаҳои гузаронидани чорабиниҳои муолиҷавӣ-сафарбаркунандаро дар шароити вазъияти фавқулодда ва расонидани кӯмаки тиббӣ ба аҳолиро дар шароитҳои ғайриодӣ, ҳангоми эпидемияҳо дар манбаъҳои иллатҳои оммавӣ намоиш медиҳад;
- малакаҳои дар аҳолӣ, патсиентҳо ва узви оилаи онҳо ташаккул додани ҳавасмандӣ барои нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатиро намоиш медиҳад;
- малакаҳои гузаронидани санитарӣ-маърифатиро дар байни кӯдакон, наврасон, аҳолии калонсол ва кормандони тиббиро намоиш медиҳад;

Wondershare PDFelement

- малакаҳои байнишахсӣ ва коммуникативиро барои мубодилаи самаранокии иттилоот ва ҳамкорӣ бо патсиент, узви оила, ҳамкорон ва кормандони тиббиро дорад, фарқияти маданият ва озодии динро эҳтиром мекунад;
- малакаи корро дар гурӯҳҳо ва ҳамкории самаранок дар дастаи байнифанниро намоиш медиҳад.

*Дар доираи фаъолияти ташкилӣ-идоракунӣ*:

- ҳуҷҷатҳои меъёриро истифода мебарад, ки дар соҳаи тандурустӣ қабул шудаанд (қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, регламетҳои техникӣ, стандартҳои байналмиллалӣ ва миллӣ, фармонҳо, тавсияҳо, терминология, системаи байналмилалии воҳидҳо, таснифоти амалкунандаи байналхалқӣ);
- малакаҳои таҳияи ҳуҷҷатҳои тиббиро дар муассисаҳои тиббӣ намоиш медиҳад;

*Дар доираи фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ:*

- малакаҳои мунтазам омӯхтани адабиёти даврии (касбии) тиббӣ ва тафсирҳои расмии омориро намоиш медиҳад;
- дар ҳалли вазифаҳои алоҳидаи илмӣ-тадқиқотӣ ва илмӣ-амалӣ дар соҳаи тандурустӣ оид ба ташхис, муолиҷа, солимгардонӣ ва пешгирии тиббӣ фаъолона иштирок менамояд.

**1.6. Имконияти идома додани маълумоти хатмкунанда** – Табибе, ки барномаи асосии маълумоти олии касбиро аз рӯи ихтисоси 1-79 01 01 – «Кори табобатӣ» аз худ кардааст барои идома додани таълим дар интернатура ё ординатураи клиникӣ аз рӯи ихтисоси (резидентураи) муайяни табибӣ омода карда шудааст.

**1.7. Салоҳиятҳои хатмкунанда аз рӯи ихтисоси «Кори табобатӣ»**

**Салоҳиятҳои умумӣ**

***1. Салоҳиятҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ***

Қобилияти муқаррар намудани фаъолияти касбии табиби амалияи умумӣ бо назардошти қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрҳои этикии дар ҷамъият қабулшуда, дар асоси донистани таърихи муосири Тоҷикистон, фалсафа, самтҳои умдаи илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ.

***2. Салоҳияти коммуникативӣ***

Қобилияти муқаррар намудани ҳамкорӣ бо ҳамкорон ва патсиент, дар даста кор кардан барои самаранок иҷро намудани вазифаҳои касбӣ ва омодагӣ барои инкишоф додани сифатҳои ҷисмонӣ ба мақсади рушди ҳаматарафа.

***3. Салоҳиятҳои универсалӣ-шахсиятӣ***

Омодагӣ барои омӯзиш дар тӯли ҳаёт ва инкишофи мутассили касбӣ. Дарк намудани имкониятҳои худро доштан, барои кӯмак мурочиат кардан ва ҳангоми зарурият додани иртиботи бозпас ва тавсияҳо.

***4. Тадқиқот***

Омодагӣ ба фаъолияти илмӣ, ки доштани донишҳои методологӣ, технологияи фаъолияти тадқиқотӣ ва омодагии истифодаи онҳо дар фаъолияти касбӣ, дар асоси истифодаи IT-технологияҳо дар соҳаи тиб.

**Салоҳиятҳои умумикасбӣ**

***5. Илмҳои биотиббӣ***

Қобилияти намоиш додани падидаҳо ва қонуниятҳои асосии ҷисмонӣ, ки асоси равандҳои дар организми одам ҷараёнёбанда, сохтор ва фаъолияти ҳуҷайраҳо, бофтаҳо, узву системаҳои организм ҳангоми меъёр ва иллат (патология); хусусиятҳои анатомӣ-

физиологии фаъолияти организм дар давраҳои гуногуни синнусолӣ, асосҳои биологияи молекулярӣ ва генетика ва нақши омилҳои молекулярӣ-генетикӣ дар патогенези бемориҳо.

**Салоҳиятҳои касбӣ**

***6. Малакаҳои клиникӣ***

Қобилияти намоиш додани малакаҳои клиникӣ оид ба ҷамоварии шикоятҳо, анамнез, муоинаи ҷисмонӣ, оид ба гузаронидани илоҷия ва тадқиқотҳои клиникӣ, таъин намудани муолиҷаи бемориҳои гуногун (интихоб намудани маводи доруворӣ бо назардошти фармакокинетика ва фармакодинамика) ва расонидани кӯмаки фаврии тиббӣ, аз ҷумла қабули зоишҳои физиологӣ.

***7. Касбият***

Омодагии риоя намудани стандартҳои рафтори этикӣ ва касбӣ, меъёрҳои касбӣ ва ҳуқуқӣ, таъмин намудани сифат ва бехатарии расонидани кӯмаки тиббӣ ҳангоми нигоҳубини патсиентҳо.

***8. Адвокати саломатӣ***

Қобилияти гузаронидани фаъолият оид ба таҳкими саломатӣ, пешгирии бемориҳо ва расонидани кӯмак ба патсиентҳо. Гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ ва солимгардонӣ дар байни аҳолӣ.

## 2. ҲУҶҶАТҲОИ ТАНЗИМКУНАНДАИ МУНДАРИҶА ВА РАВАНДИ ТАТБИҚИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ

**2.1**.Барномаи таҳсилотӣ дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳия гардида, коркарди минбаъдаи замимаҳои он бояд ба талаботи ҳуҷҷатҳои зерин мутобиқат намояд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», аз 22.07.2013 №1004 (бо ислоҳи охирин аз 17.05.2018 №1527);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумоти калонсолон», аз 24.02.2017, №1394;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ», аз 19.05.2009, №531;
- Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.05 соли 2017, №374;
- Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 29.09.2020, № 526;
- Стратегияи миллии рушди маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2020, №526;
- Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2006, № 94;
- Консепсияи таҳсилоти муттаасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2023 аз 25.10.2017, №28;
- Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.02.2017, №94;
- Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2007, №349;
- Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30.12.2016, №19/24:
- Барномаи давлатии рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии барои солҳои 2021-2025, аз 25.12.2020, №210;

Wondershare PDFelement

- Барномаи тайёр намудани кадрҳои тиббӣ барои давраи то соли 2030 аз 31.12.2020, №702

**2.2**. Талабот нисбати минимуми ҳатмии мундариҷаи таълимӣ, ба шароитҳои татбиқи он ва муҳлатҳои азхудкуннии он бо Стандарти давлатии маълумоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**2.3.** Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои барномаи таълимии маълумоти олии касбӣ нақшаи таълимиро аз рӯи ихтисос, нақшаи таълимии корӣ, барномаҳо аз рӯи намуди таҷрибаомӯзӣ, силабусҳоро дар бар мегирад. Талаботи минималӣ ба мундариҷаи маҷмӯи ҳуҷҷатҳои БТ дар банди 6 ҳуҷҷати мазкур инъикос ёфтаанд.

**2.4.** Барномаи таълими аз тарафи донишҷӯён ҳатман омӯхтани блокҳо ва модулҳоеро пешбинӣ менамояд, ки дар банди 3.8. ҳуҷҷати мазкур пешбинӣ менамояд.

**2.5.** Блок ва модулҳои барномаи таълимӣ аз фанҳои ҳатмии компоненти давлатӣ ва мактаби олӣ, фанҳо аз рӯи ихтисос, машғулиятҳои факултативӣ, таҷрибаомӯзӣ, инчунин аттестатсияи ҷамъбастӣ иборат аст.

## 3. ҲАДДИ АҚАЛИ ҲАТМИИ МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ 1-79 01 01- КОРИ ТАБОБАТӢ

| | | |
|---|---|---|
| 1 | НОМИ БАРНОМА | Кори табобатӣ |
| 2 | РАМЗИ ТАЪЛИМӢ | 1-79 01 01 |
| 3 | ДАРАҶАИ АКАДЕМӢ | мутахасис |
| 4 | ШАКЛИ ТАҲСИЛ | рӯзона |
| 5 | МУҲЛАТИ МЕЪЁРИИ ТАҲСИЛ | 6 сол |
| 6 | МИҚДОРИ КРЕДИТҲО | 420 кредит (70 кредит дар як сол) |
| 7 | МАҚСАДИ БТ | Ташаккули салоҳиятҳои умумӣ (заминавӣ), умумикасбӣ ва касбӣ, ки барои бомуваффақият инкишоф додан ва истифодаи технология, воситаҳо, усулу роҳҳои фаъолияти табибӣ имконият медиҳанд, ки ба нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани саломатии аҳолӣ имконият медиҳанд. |
| 8 | ТАВСИФИ МУХТАСАРИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ | Барномаи мазкури асосии таълимӣ аз блоку модулҳои зерин иборат аст:<br>Барномаи мазкури асосии таълимӣ аз блоку модулҳои зерин иборат аст:<br>Блоки 1. Фанҳои заминавӣ (48 кредит)<br>Модули иҷтимоӣ-гуманитарӣ –22 кредит;<br>Модули забонҳо –15 кредит;<br>Модули фанҳои табиатшиносӣ– 11 кредит.<br>Блоки 2. Фанҳои тахассусӣ (240 кредит)<br>Модули фанҳои умумикасбӣ -99<br>Модули фанҳои тахассусӣ -141 креди<br>Блоки 3. Фанҳои интихобӣ (105 кредит)<br>Модули фанҳои интихобӣ, блоки 1 – 6 кредит;<br>Модули фанҳои интихобӣ, блоки 2 – 99 кредит.<br>Блоки 4. Таҷрибаомӯзӣ (24 кредит);<br>Блоки 5. Аттестатсияи хатм (3 кредит); |

Wondershare PDFelement

Wondershare PDFelement

| | | |
|---|---|---|
| | | Блоки 6. Машғулиятҳои факултативӣ (9 кредит)[1]; **ҲАМАГӢ: 420 кредит** |
| 9 | НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИ ИНТИҲОИИ БТ | **Баъди анҷоми барномаи таълимӣ хатмкунандагон:**<br>Бояд меъёрҳои этикиро риоя намоянд, ҳолати эмотсионалӣ ва ҷисмонии патсиентҳоро ҳангоми кор бо онҳо дар назар гиранд; масъулияти ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва этикиро риоя намоянд.<br>Таҳлил карда тавонистани масоилу равандҳои аҳамиятноки иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ барои ташаккули мавқеи ҷаҳонбинӣ.<br>Самаранок истифода бурдани малакаҳои коммуникативро ҳангоми кор бо патсиентҳо ва хешовандони онҳо ба 2 забонро метавонанд, коммуникатсияи касбӣ ва маиширо бо ҳамкорон ва ҷамъият ба роҳ монанд.<br>Метавонанд малакаи кор дар гурӯҳҳо ва малакаи ҳамкории самаранокро дар дастаи байнифаннӣ намоиш диҳанд.<br>Барои амиқ ва васеъ намудани донишу малакаҳои барои руди мутаассили касбӣ зарурӣ омода мебошанд.<br>Метавонанд ба таври танқидӣ натиҷаҳои тадқиқоти дар адабиёти илмии тиббӣ овардашударо баҳо диҳанд ва онҳоро дар кори ҳаррӯза истифода баранд.<br>Принсипу донишҳои илмии тибби собиткунандаро нисбати таҷриба ва тадқиқоҳои тиббӣ истифода бурдан, технологияи иттилоотиро дар тиб истифода бурданро метавонанд.<br>Истифода бурдани илмҳои биотиббӣ ва клиникиро барои баҳо додани ҳолати умумии патсиентҳо, дар онҳот ошкор намудани аломату алоимҳои бемориҳои паҳншуда ва хатарнокро барои таъмин намудани муносибати ба патсиент мутамарказшуда барои банақшадарории чорабиниҳои пешгирикунанда, ташхисию муолиҷавиро метавонанд.<br>Метавонанд ба патсиентҳо машварат диҳанд (ҷамъоварии анамнез, шикоятҳо, гузаронидани муоинаи ҷисмонӣ, баҳо додани ҳолати бемор, натиҷаҳои тадқиқот ва тадқиқотҳои лабораторӣ, гузаронидани ташхиси тафриқанок, тартиб додани нақшаи муолиҷа).<br>Тафсир додани натиҷаҳои муоина ва натиҷаи тадқиқи патсиентҳоро барои гузаронидани ташхиси тафриқанок, гузоштани ташхиси пешакӣ, таҳияи нақшаи муолиҷа, мониторинги ҳолати патсиентҳо дар динамика ва минбаъд таҳияи намудани эпикризи ҷавобдиҳиро метавонанд.<br>Расонидани кӯмаки таъхирнопазири тиббиро дар марҳилаи тобеморхонавӣ, аз ҷумла кӯмаки аввалияи тиббӣ ва реаниматсияро метавонанд.<br>Метавонанд муолиҷаи доругиро бо назардошти |

[1] *Кредитҳои машғулиятҳои факултативӣ (9 кредит) ба ҳаҷми умумии азхудкунии барнома дохил намешаванд ва ҳатмӣ намебошанд. ДДТХ имконияти муайян намудани кадом курсҳо гузаронида мешаванд ва бо кадом ҳаҷмро дорад*

Wondershare PDFelement

<table>
<tr><td></td><td></td><td colspan="3">бехатарӣ ва самаранокӣ, самараҳои иловагии маводи доруворӣ таъин намоянд, ба патсиент оид ба дору маълумот диҳад.<br>Барои иттилоот додан оид ба илоҷияҳои ташхисӣ ва табобатӣ ва онҳоро дар амалияи клиникӣ истифода бурдан қобилият дорад.<br>Аниқият ва пурраги иттилоотро ҳангоми пур кардани ҳуҷҷатҳои тиббӣ риоя менамоянд ва махфияти иттилоотро нигоҳ медоранд; принсипҳои риоя намудани «сирри тиббӣ»-ро дпр амалияи тиббӣ риоя менамоянд.<br>Консепсияи психологии саломатиро фаҳмонда метавонанд, ки ба ҷараён ва оқибати беморӣ таъсир мерасонанд; тафриқа намудани тамоюл аз меъёрҳои солимии руҳии патсиент таъсир мерасонанд, барои мутобиқат намудан ба тағйиротҳои ҳаёт кӯмак расонанд.<br>Намоиш додани малакаҳои нигоҳубини беморон ва расонидани кӯмаки аввалияи тиббию санитариро таъмин менамоянд.<br>Малакаҳои истифода бурдани принсипҳои асосии солимгардонӣ, назорати беморшавиро; гузаронидани чорабиниҳои пешгиркунанда ва солимгардониро дар байни аҳолиро метавонанд.</td></tr>
<tr><td>10</td><td colspan="4">ТАХАССУС</td></tr>
<tr><td colspan="2">РАМЗ ВА НОМИ ИХТИСОС</td><td colspan="3">1-79 01 01 «Кори табобатӣ»</td></tr>
<tr><td colspan="2">ТАХАССУС ВА ДАРАҶАМ КАСБӢ ОИД БА ХАТМ</td><td colspan="3">Табиб<br>Мутахассис</td></tr>
<tr><td>11</td><td colspan="4">БАХШҲО ВА МОДУЛҲО</td></tr>
<tr><td colspan="2">НОМИ БАХШ</td><td>ФАНҲОИ ЗАМИНАВӢ</td><td>48</td><td>кредит</td></tr>
<tr><td colspan="2">ҲАДАФИ БАХШ</td><td colspan="3">Дар донишҷӯён ташаккул додани салоҳияти заминавӣ, умумимаданӣ ва умумикасбӣ, истифода бурдани фанҳои заминавӣ, иҷтимоӣ-гуминатирӣ, табиатшиносӣ-илмӣ ва иқтисодӣ.</td></tr>
<tr><td colspan="2">ТАВСИФИ МУХТАСАРИ БАХШ</td><td colspan="3">Блоки фанҳои заминавӣ аз модулҳои зерин иборат аст:<br>Модули иҷтимоӣ-гуминатрӣ – 22 кредит;<br>Блоки забонҳо – 15 кредит;<br>Модули фанҳои табиӣ - иқтисодӣ ва ТИ – 11 кредит.</td></tr>
<tr><td colspan="2">НОМИ МОДУЛ</td><td>Модули фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ</td><td>22</td><td>кредит</td></tr>
<tr><td colspan="2">ҲАДАФИ МОДУЛ</td><td colspan="3">Асосҳои илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарирӣ ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро азхуд кардани донишҷӯён, инчунин ташаккули ҷаҳонбинии маданӣ ва коммуникативӣ</td></tr>
<tr><td colspan="2">ТАВСИФИ МУХТАСАРИ МОДУЛ</td><td colspan="3">1. Фалсафа - 4 кредит<br>2. Таърихи муосири Тоҷикистон – 3 кредит<br>3. Фарҳангшиносӣ - 3 кредит<br>4. Диншиносии илмӣ - 3 кредит<br>5. Сиёсатшиносӣ - 3 кредит<br>6. Сотсиология – 3 кредит</td></tr>
</table>

Wondershare PDFelement

| | | | |
|---|---|---|---|
| | 7. Ҳуқуқ аз рӯи ихтисос- 3 кредит | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛ | **Донишҷӯёни аз модул гузашта:**<br>Меъёрҳои этикиро риоя менамоянд, ҳолати эмотсионалӣ ва ҷисмонии патсиентҳоро ҳангоми кор бо онҳо дар назар гиранд; масъулияти ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва этикиро риоя менамоянд.<br>Масоилу равандҳои аҳамиятноки иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ барои ташаккули мавқеи ҷаҳонбинӣ таҳлил менамоянд. | | |
| НОМИ МОДУЛ | **Модули фанҳои забонӣ** | **15** | **кредит** |
| ҲАДАФИ МОДУЛ | Таъмин намудани ташаккули асосҳои саводнокии умумӣ ва касбии тиббии забонии барои кори табиб зарурӣ. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ МОДУЛ | 1. Забони тоҷикӣ аз рӯи ихтисос – 3 кредит<br>2. Забони русӣ аз рӯи ихтисос - 6 кредит<br>3. Забони хориҷӣ аз рӯи ихтисос - 6 кредит | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛ | **Донишҷӯёни модулро азхудкарда:**<br>-малакаҳои коммуникативиро ҳангоми кор бо патсиентҳо ва хешовандони онҳо бо ду забон, ҳамкорон ва ҷамъиятро самаранок истифода бурда метавонанд.<br>-малакаи кор дар гурӯҳҳо ва ҳамкории самаранок дар дастаи байнифанниро намоиш медиҳанд. | | |
| НОМИ МОДУЛ | **Модули фанҳои табиӣ-иқтисодӣ ва технологияи информатсионӣ** | **11** | **кредит** |
| ҲАДАФИ МОДУЛ | Таъмин намудани асос барои ташаккули салоҳиятҳои бо фанҳои табиатшиносӣ-илмӣ ва иқтисодӣ алоқаманд ва асосҳои технологияи иттилоотӣ, ки барои инкишофи муносибати ба шахсият равонакардашуда, эҷодӣ ва азхудкунии салоҳияти умумикасбӣ. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ МОДУЛ | 1. Технологияи иттилоотӣ - 5 кредит<br>2. Географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демография - 3 кредит<br>3. Экология - 3 кредит | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛ | **Донишҷӯёни модулро азхудкарда:**<br>-масоил ва равандҳои иқтисодӣ, демографӣ ва экологиро бо истифодаи системаи компютерӣ-иттилоотиро таҳлил менамояд.<br>-технологияи иттилоотиро дар тиб самаранок истифода мебаранд. | | |
| **НОМИ БАХШ** | **ФАНҲОИ ТАХАССУСӢ** | **240** | **кредит** |
| ҲАДАФИ БАХШ | - Азхуд намудани фанҳои зарурии табиатшиносӣ-илмӣ ва ихтисосӣ (назариявӣ ва махсуси тиббӣ);<br>- азхуд намудани донишҳои заминавии тиббӣ, маҳорату малакаҳо барои расонидани кӯмаки аввалияи таъхирнопазири тиббӣ<br>- омода намудани донишҷӯён барои идома додани таҳсил дар дараҷаи баъдидипломӣ барои азхуд намудани ихтисоси тиббӣ. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ БАХШ | ***Блоки фанҳои касбӣ аз модулҳои зерин иборат аст:***<br>**1. Модули фанҳои умумикасбӣ - 99 кредит:**<br>**2. Модули фанҳои тахассусӣ -141 кредит:** | | |
| НОМИ МОДУЛ | **Модули фанҳои умумикасбӣ** | **99** | **кредит** |
| ҲАДАФИ МОДУЛ | **Мақсади модули мазкур** азхуд намудани донишу | | |

Wondershare PDFelement

| | |
|---|---|
| | маҳорати заминавии илмҳои бунёдӣ тиббӣ ва беҳдоштӣ барои ташаккули салоҳияти умумкасбӣ ва минбаъд омӯхтани фанҳои ихтисосии клиникӣ мебошад. |
| ТАВИФИ МУХТАСАРИ МОДУЛ | 1. Химия – 6 кредит<br>2. Физикаи тиббӣ ва математика – 5 кредит<br>3. Химияи биологӣ – 11 кредит<br>4. Биология – 5 кредит<br>5. Забони лотинӣ – 4 кредит<br>6. Морфология (Анатомияи одам+гистология) – 25 кредит<br>7. Физиологияи нормалӣ – 12 кредит<br>8. Микробиология, вирусология – 9 кредит<br>9. Физиологияи патологӣ – 8 кредит<br>). Анатомияи патологӣ – 7 кредит<br>. Фармакология – 7 кредит |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛ | **Донишҷӯёни модули фанҳои умумикасбиро азхудкарда:**<br>- Натиҷаҳои тадқиқоти дар адабиёти илмии тиббӣ овардашударо ба таври танқидӣ баҳо медиҳанд ва онҳоро дар кори ҳаррӯза истифода мебаранд.<br>- Принсипу донишҳои илмии тибби собиткунандаро нисбати таҷриба ва тадқиқоҳои тиббӣ истифода мебаранд.<br>- Қонуниятҳои сохтор ва фаъолияти умуман организм, инчунин узву системаҳои алоҳидаи одамро ҳангоми меъёр ва патология таҳлил мекунанд. |
| НОМИ МОДУЛ | **Модули фанҳои тахассусӣ** **141** **кредит** |
| ҲАДАФИ МОДУЛ | Фанҳои асосии клиникии барои ташхис ва расонидани кӯмаки аввалияи таъхирнопазири тиббӣ ба аҳолиро азхуд намудани донишҷӯён, фароҳам овардани имконият барои идома додани таҳсил дар дараҷаи баъдидипломӣ. |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ МОДУЛ | 1. Таълими асосҳои бемориҳои даруни-9 кредит<br>2. Ҷарохии умумӣ-6 кредит<br>3. Таълими асосҳои бемориҳои кӯдакона-7 кредит<br>4. Бемориҳои дарунӣ-17 кредит<br>5. Педиатрия-16 кредит<br>6. Бемориҳои сироятӣ-8 кредит<br>7. Дерматовенерология-6 кредит<br>8. Тибби судӣ-5 кредит<br>9. Тибби оилавӣ-7 кредит<br>10. Бемориҳои сироятии кӯдакона-6 кредит<br>11. Анестезиология ва реаниматология-8 кредит<br>12. Бемориҳои ҷарроҳӣ-16 кредит<br>13. Онкология-6 кредит<br>14. Акушерӣ ва гинекологӣ-14 кредит<br>15. Оториноларингология-5 кредит<br>16. Офталмология-5 кредит |
| | **Донушчиёни модулро азхудкарда:**<br>- Илмҳои биотиббӣ ва клиникиро барои баҳо додани ҳолати умумии патсиентҳо, дар онҳо ошкор намудани аломату алоимҳои бемориҳои паҳншуда ва хатарнокро барои таъмин намудани муносибати ба патсиент |

Wondershare PDFelement

| | | | |
|---|---|---|---|
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛ | мутамарказшуда барои банақшадарории чорабиниҳои пешгирикунанда, ташхисию муолиҷавиро истифода мебаранд.<br>- Ба патсиентҳо машварат медиҳанд (ҷамъоварии анамнез, шикоятҳо, муоинаи ҷисмонӣ мегузаронанд, ҳолати бемор, натиҷаҳои тадқиқот ва тадқиқотҳои лабораториро баҳо медиҳанд, ташхиси тафриқанок мегузаронанд, нақшаи муолиҷаро тартиб медиҳанд.<br>- Натиҷаҳои муоина ва натиҷаи тадқиқи патсиентҳоро барои гузаронидани ташхиси тафриқанок, гузоштани ташхиси пешакӣ, таҳияи нақшаи муолиҷа, мониторинги ҳолати патсиентҳо дар динамика ва минбаъд таҳияи намудани эпикризи ҷавобдиҳиро тафсир медиҳанд.<br>- Кӯмаки таъхирнопазири тиббиро дар марҳилаи тобеморхонавӣ, аз ҷумла кӯмаки аввалияи тиббӣ ва реаниматсияро мерасонанд - Муолиҷаи доругиро бо назардошти бехатарӣ ва самаранокӣ, самараҳои иловагии маводи доруворӣ таъин менамоянд, ба патсиент оид ба дору маълумот медиҳанд.<br>- Принсипҳои асосии солимгардонӣ, назорати беморшавиро истифода мебаранд. Чорабиниҳои пешгирикунанда ва солимро дар байни аҳолӣ мегузаронанд. | | |
| **НОМИ БАХШ** | **ФАНҲОИ ИНТИХОБӢ** | **105** | **кредит** |
| ҲАДАФИ БАХШ | Додани дониши иловагии заминавӣ вобаста ба мақсади бахшҳои фанҳои заминавӣ ва тахассусӣ. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ МОДУЛ | Модули фанҳои интихобии бахши 1 – 6 кредит<br>Модули фанҳои аз рӯи интихоби бахши 2 – 99 кредит | | |
| НОМИ МОДУЛ | **Модули фанҳои интихобии бахши 1** | **6** | **кредит** |
| ҲАДАФИ МОДУЛ | Ба донишҷӯён додани имконият барои гирифтани дониши иловагӣ аз рӯи фанҳои заминавӣ. | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛ | **Донишҷӯёни модулро азхудкарда (мақсадҳои таълим:**<br>• Донишҳоро оид ба фанҳои интихобӣ мегиранд;<br>• Малакаҳои мустақилона баён намудани нуқтаи назар, таҳлил ва тафаккури мантиқӣ, баромадҳои расмӣ, аргументатсияи ахлоқӣ-этикӣ, принсипҳои деонтологияи тиббӣ ва этикаи тиббиро соҳиб мегарданд;<br>• Асосҳои психология ва истифодаи онҳоро ҳангоми ҳалли вазифаҳои касбӣ медонанд;<br>• Малакаҳои расонидани кӯмаки аввалияи тиббиро ҳангоми бад шудани вазъияти радиатсионӣ ва офатҳои табиӣро соҳиб мегарданд. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ МОДУЛ | **Модули фанҳои интихобии бахши 2** | **99** | **кредит** |
| НОМИ МОДУЛ | Фароҳам овардани имконияти гирифтани донишҳои амиқи тиббӣ барои расонидани кӯмаки ихтисосноки тиббӣ дар зинаи муассисаҳои аввалияи тиббӣ-санитарӣ. | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛ | **Донишҷӯёни модулро азхудкарда (мақсадҳои таълим):**<br>• Донишҳои нисбатан васеъро аз рӯи фанҳои интихобӣ соҳиб мегарданд; | | |

Wondershare PDFelement

| | | | |
|---|---|---|---|
| | • Ташхис мондан ва расонидани кӯмаки тиббиро дар заминаи муассисаҳои КАТС метавонанд. | | |
| **НОМИ БАХШ** | **ТАҶРИБАОМӮЗӢ** | **24** | **кредит** |
| ҲАДАФИ БАХШ | Ташаккули малакаҳои клиникӣ ва амалӣ, ки барои кори табиби оияндаи амалияи тиббӣ ва таҳкими донишҳои гирифташуда дар зинаи мутахассис заруранд. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ БАХШ | 1. Таҷрибаомӯзии таълимӣ – нигоҳубини бемориони соҳаи терапевтӣ ва ҷарроҳӣ (2 ҳафта дар рафти таълими сем.1).<br>2. Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ – 24 кредит (16 ҳафта).<br>- баъди курси 2 (4 ҳафта тобистон) – ёрдамчии ҳамшираи тиббии ҳуҷраҳо;<br>- баъди курси 3 (4 ҳафта тобистон) – ёрдамчии ҳамшираи тиббии ҳуҷраи илоҷия;<br>- баъди курси 4 (4 ҳафта тобистон) – ёрдамчии табиби статсионар;<br>- баъди курси 5 (4 ҳафта тобистон) – ёрдамчии табиби хадамоти амбулаторӣ. | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ БАХШ | **Донишҷӯёни бахшро азхудкарда:**<br>• Малакаҳои асосии амалии кори кормандони хурд ва миёнаи тиббиро азхуд мекунанд: намудҳои коркарди санитарии беморон, хусусиятҳои назорат ва нигоҳубини бемориони гирифтори бемориҳои гуногунро медонанд; дастамалҳои ҳамшираҳои тиббии ҳуҷраҳо ва ҳуҷраҳои илоҷияро иҷро мекунанд.<br>• Малакаҳои корро ба сифати ёрдамчии табиби статсионар азхуд мекунанд (соҳаи терапевтӣ, ҷарроҳӣ, гинекологӣ ва педиатрӣ): бемориони гирифтори бемориҳои нисбатан бештар дучоршавандаи соҳаи терапевтӣ, ҷарроҳӣ ва акушерӣ-гинекологиро муоина мекунанд, таҳия намудани ташхиси пешакӣ, тартиб додани нақшаи муолиҷа, додани тавсияҳо барои муолиҷаи амбулаторӣ, гузаронидани муолиҷаи беморон таҳти роҳбарии табиб, дуруст таҳия намудани ҳуҷҷатҳои тиббиро метавонанд, дар қабули зоишҳои физиологӣ иштирок мекунанд.<br>• Малакаҳои расонидани кӯмаки муолиҷавӣ-профилактикиро ба оммаи асосии аҳолӣ дар Марказҳои саломатӣ азхуд менамояд: метавонанд дар марҳилаи тобеморхонавӣ ҳангоми ҳолатҳои шадид ва ургентӣ кӯмаки таъхирнопазир мерасонанд. Метавонанд қабули якҷояи патсиентҳоро бо сарпарасти клиникӣ гузаронанд.<br>• Илоҷияҳои тиббиро иҷро мекунанд, ҳуҷҷатҳои тиббиро пур мекунанд, салоҳият ва талаботи худтакмилдиҳиро таҳлил мекунанд. | | |
| **НОМИ БАХШ** | **АТТЕСТАТСИЯИ ХАТМ** | **3** | **кредит** |
| ҲАДАФИ БАХШ | Баҳодиҳии назариявӣ ва амалӣ ҳангоми донишҳо, маҳоратҳо ва муносибатҳои гирифташуда аз рӯи барномаи мутахассис, тасдиқ намудани салоҳияти касбӣ барои идома додани таҳсил дар зинаи баъдидипломӣ. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ | Имтиҳони давлатии байнифаннӣ аз фанҳои назариявии | | |

Wondershare PDFelement

Wondershare
PDFelement

| | | | |
|---|---|---|---|
| БЛОК | тиббӣ ва махсус.<br>Имтиҳон оид ба малакаҳои амалӣ - имтиҳони объективии сохташудаи клиникӣ. | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ БАХШ | **Донишҷӯёни бахшро азхудкарда (мақсадҳои таълим):**<br>• Адабиёти касбиро ҷустуҷӯ кардан, иқтибос овардан ва таҳлил кардан, натиҷаҳои тадқиқот ва усулҳои дар он ҷо истифодашударо муқоиса карда метавонанд;<br>• Истифода бурдани усулҳои тадқиқот ва коркарди маълумотҳоро ёд гирифтаанд;<br>• Донишҳои гирифташударо дар кори амалӣ истифода бурда метавонанд;<br>• Малакаҳои амалӣ ва клиникие доранд, ки барои зинаи КАТС заруранд. | | |
| **НОМИ ББАХШ** | **МАШҒУЛИЯТҲОИ ФАКУЛТАТИВӢ** | **9** | **кредит** |
| ҲАДАФИ БАХШ | **Мақсади бахш** – Дар донишҷӯён ташаккул додани донишҳо оид ба тарзи ҳаёти солим ва маҳорати қарор қабул намудан дар вазъиятҳои бухронӣ. | | |
| ТАВСИФИ МУХТАСАРИ БАХШ | 1. Тарбияи ҷисмонӣ - 6 кредит<br>2. Мубориза бо терроризм - 3 кредит<br>3. Тарбияи зиддикоррупсионӣ - 3 кредит | | |
| НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМИИ БАХШ | **Донишҷӯёни бахшро азхудкарда (мақсадҳои таълим):**<br>• Нақши иҷтимоии тарбияи ҷисмониро дар инкишофи шахсият ва омода намудани вай барои фаъолияти касбӣ дарк мекунанд;<br>• Оқибатҳои иштирок дар дастаҳои экстремистӣ ва рафторҳои коррупсиониро дарк мекунанд. | | |

## 4. МУҲЛАТҲОИ АЗХУДКУНИИ БАРНОМАИ АСОСИИ ТАЪЛИМӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 1-79 01 01–Кори табобатӣ

**4.1**. Муҳлати азхудкунии барномаи асосии таълимӣ дар 6 соли таҳсил 312 ҳафтаро ташкил медиҳад, аз ҷумла:

- таълими назариявӣ, аз ҷумла кори илмӣ-тадқиқотии донишҷӯён, практикумҳо, ва корҳои лабораторӣ 194 ҳафта;
- сессияи имтиҳонӣ 28 ҳафта;
- таҷрибаомӯзӣ на камтар аз 16 ҳафта:
  - Таҷрибаомӯзии таълимӣ 2 ҳафта (бо таълими назариявӣ ҳамроҳкардашуда);
  - Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ на камтар аз 16 ҳафта;
- аттестатсияи ҷамъбастӣ - 2 ҳафта;
- таътил- 72 ҳафта;

**4.2.** Ҳаҷми максималии сарбории таълимии донишҷӯён 48 соат дар як ҳафта муқарар карда мешавад, аз ҷумла ҳамаи намудҳои корҳои таълимии синфӣ ва берунисинфӣ (мустақилона).

**4.3.** Сарбории ҳафтаинаи донишҷӯ ҳангоми шакли рӯзонаи таълим бояд ба ҳисоби миёна аз 42 соат зиёдтар набошад. Ҳамзамон ба ҳаҷми мазкур машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва машғулиятҳои фанҳои факултативӣ дохил намешаванд.

**4.4**. Таътил дар соли таҳсил бояд на камтар аз 10 ҳафта бошад, аз ҷумла на камтар аз 2 ҳафта дар давраи зимистона.

Wondershare PDFelement

## 4. ШАРОИТҲОИ ТАТБИҚИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 1-79 01 01–Кори табобатӣ

**5.1. Татбиқи барномаи таълимӣ.**

**5.1.1.** Донишкадаи тиббӣ иҷтимоии Тоҷикистон заминаи моддӣ-техникӣ дорад, ки ба қоидаву меъёрҳои зидди сӯхтор мувофиқ аст. Донишкада дорои синфхонаҳои барҳаво мебошад, ки барои гузаронидани ҳамаи намудҳои тайёркунии фаннӣ ва байнифаннӣ, корҳои амалӣ ва илмӣ-тадқиқоти пешбиникардаи ҳуҷҷати мазкур барои таълимгирандагон мувофиқ аст.

**5.1.2.** Ҳар як таълимгиранда дар давоми тамоми давраи таълим бо дастраси бемаҳдуд ба китобхона (китобхонаи электронӣ) ва муҳити электронии иттилоотӣ-маърифатии Донишкада таъмин аст. Китобхонаи электронӣ ва муҳити электронии иттилоотӣ-маърифатӣ дастрасии таълимгирандагонро аз ҳар нуқтае, ки Интернет мавҷуд аст, таъмин менамоянд. муҳити электронии иттилоотӣ-маърифатии Донишкада таъмин менамояд: дастрасӣ ба нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои кории фанҳо,таҷрибаҳо, ба нашрияҳои системаи электронии китобхона ва захираҳои электронии таълимии дар барномаи корӣ нишондодашуда; натиҷаҳои аттестатсияи фосилавӣ ва натиҷаҳои азхудкунии барномаи таълимӣ; гузаронидани ҳамаи намудҳои машғулият, тартиби баҳодиҳии натиҷаҳои таълим, ки татбиқи онҳо бо истифодаи таълими электронӣ, технологияҳои фосилавии таълим пешбинӣ шудааст.

**5.1.3.** Тахассуси кормандони роҳбарикунанда ва илмӣ-педагогии Донишкада ба тавсифҳои тахассусие мувофиқ аст, ки дар маълумотномаи вазифаҳои роҳбарон, vутахассисон ва хизматчиён «Таснифоти тахассуси вазифаҳои роҳбарон ва ва мутахассисони дорои маълумоти олии касбӣ ва иловагии касбӣ» оварда шудаанд.

**5.1.4.** Ҳиссаи кормандони штатии илмӣ-педагогӣ (бо бастҳои қиматҳои рақамҳои пурра овардашуда) 77 фоизи шумораи умумии кормандони илмӣ-педагогии Донишкадаро ташкил медиҳад (дар соли 2022).

**5.1.5.** Татбиқи муносибати салоҳиятнок дар раванди таълим истифода бурдани шаклҳои фаъол ва интерактивии гузаронидани машғулиятҳо (симулятсияҳои компютерӣ, бозиҳои касбӣ ва нақшӣ, тренингҳои психологӣ ва ғайра) дар ҳамбастагӣ бо кори берунисинфӣ ба мақсади ташаккул ва инкишофи малакаҳои касбии таълимгирандагонро пешбинӣ мекунад. Дар доираи курсҳои таълимӣ вохурӣ бо намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, мастер-класҳои коршиносон ва мутахассисон пешбинӣ карда шудаанд.

Вазни хоси машғулиятҳои дар шаклҳои инттерактивӣ гузарондашаванда дар раванди таълим на камтар аз 5 фоизи машғулиятҳои синфхонагиро ташкил медиҳад. Машғулиятҳои навъи лексионӣ 30 фоизи машғулиятҳои синфхонагиро ташкил медиҳанд.

**5.1.6.** Дар барномаи таълимии ҳар як фан (модул) натиҷаҳои интиҳоии таълим дар ҳамбастагии органикӣ бо донишҳои азхудшаванда, маҳорат ва салоҳиятҳои гирифташаванда умуман аз рӯи БТ-и омодакунии мутахассис таҳия карда шудаанд.

**5.1.7.** БТ-и омодакунии мутахассис фанҳои интихобии таълимгширандагонро дар ҳаҷми 25% қисмати варитаививиро ҷамъбастӣ аз рӯи сиклҳои барномаҳои таълимиро дар бар мегирад. Тартиби ташаккули фанҳои интихобии таълимгирандагон аз тарафи Донишкада муқаррар карда мешавад.

**5.1.8.** Ҳаҷми умумии вақти таътил дар соли таҳсил бояд на камтар аз 10 ҳафтаро ташкил диҳад, аз ҷумла на камтар аз 2 ҳафта дар давраи зимистона.

Wondershare PDFelement

**5.1.9.** Шӯрои олимони Донишкада нархи таълими солонаро барои донишҷӯёни дар асоси шартномавӣ таҳсилкунандаро муқаррар менамояд.

**5.2. Талабот ба назорат ва баҳои ҷамъбастии азхудкунии донишҳо**

**5.2.1.** Аз рӯи ҳамаи фанҳо ва таҷрибаомӯзиҳои ба барномаи таълимии мактаби олӣ дохилкардашуда бояд баҳои ҷамъбастӣ гузошта шавад. Натиҷаи азхудкунии барномаи таълимӣ аз тарафи донишҷӯён аз рӯи ҳар як фан ва таҷрибаомӯзӣ дар шакли баҳои рамзӣ бо истифодаи ҳарфҳои алифбои лотинӣ A (A, A-), B (B +, B, B-), C (C +, C, C-), D (D, D-) ва F (Fx, F) ифода мешаванд. Барои истифода бурдани баҳои рамзӣ ва гузоштани баҳои ҷамъбастии он системаи рейтингии 100-балла (% ҷавобҳои дуруст) гузошта мешавад. Ифодаи баҳои рамзӣ бо нишон додани эквиваленти он дар таблитсаи поёнӣ оварда шудааст:

| Эквивалентии рамзии баҳо | Эквиваленти рақамии баҳо | % ҷавобҳои дуруст | Баҳои анъанавӣ |
|---|---|---|---|
| A | 4,0 | $95 \le A \le 100$ | Аъло |
| A- | 3,67 | $90 \le A- < 95$ | |
| B+ | 3,33 | $85 \le B+ < 90$ | Хуб |
| B | 3,0 | $80 \le B < 85$ | |
| B- | 2,67 | $75 \le B- < 80$ | |
| C+ | 2,33 | $70 \le C+ < 75$ | Қаноатбахш |
| C | 2,0 | $65 \le C < 70$ | |
| C- | 1,67 | $60 \le C- < 65$ | |
| D+ | 1,33 | $55 \le D+ < 60$ | |
| D | 1,0 | $50 \le D < 55$ | |
| Fx | 0 | $45 \le Fx < 50$ | Ғайриқаноатбахш |
| F | 0 | $0 \le F < 45$ | |

**5.2.2.** Баҳои ҷамъбастии донишҷӯ барои азхудкунии барномаи таълимӣ аз рӯи ҳар як фан аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад

Баҳои ҷамъбастӣ = $\left[\frac{(F_1+F_2)}{2}\right]*n_1 + НЧ*n_2$

P1 – натиҷаи рейтинги аввали назорат,
P2 - натиҷаи рейтинги дуюми назорат,
n – ин коэффитсенте мебошад, ки матавоназ ба 9,4 то 1,0 баробар шавад, ҳамзамон ҷамъи $n_1 + n_2$ бояд рақами 1-ро ташкил диҳад.
НҶ – натиҷаи назорати ҷамъбастӣ.

**5.3. Ҳангоми татбиқи барномаи Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон:**

- таълимро дар шакли курсҳои муаллифии лексионӣ ва намудҳои гуногуни машғулиятҳои амалии коллективӣ ва фардӣ суопиоришҳо ва семинарҳо аз рӯи барнома, ки дар худи Донишкада таҳия шудаанд ва хусусияти минтақавӣ, миллӣ-этникӣ, касбиро ба назар мегиранд, инчунин бартарияти илмӣ - тадқиқотии омӯзгоронро амалӣ мекунад, ки инъикоси тахассусии мавзӯъҳои фанҳои сиклро таъмин менамоянд;
- амиқии зарурии таълим фаслҳои алоҳидаи фанҳоеро, ки ба блоки фанҳои заминавӣ ва касбӣ дохил мешаванд, мувофиқи соҳаи сикли фанҳои омодакунии фаннӣ ва бо назардошти хусусиятҳои фардии донишҷӯён муқаррар менамояд;
- номгӯи тахассусгириро аз рӯи ихтисосҳои маълумоти олии касбӣ, номгӯи фанҳои ихтисосгирӣ, ҳаҷм ва мундариҷаи онҳоро, берун аз барномаи мазкури таълимӣ

Wondershare PDFelement

аз рӯи ихтисос, инчунин шакли назорати азхудкунии онҳоро аз тарафи донишҷӯён муқаррар менамоянд.

**5.4. Таъминоти кадрии раванди таълим**

Татбиқи БТ-и омодакунии мутахассис дар Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон аз тарафи кадрҳои илмӣ-педагогие таъмин карда мешавад, ки одатан, маълумоти заминавии ба соҳаи фанни таълимдодашаванда мувофиқ доранд ва мунтазам ба фаъолияти илмӣ -методӣ машғул мешаванд.

Ҳиссаи кормандони штатии илмӣ-педагогӣ (бо бастҳои қиматҳои рақамҳои пурра овардашуда) 77 фоизи шумораи умумии кормандони илмӣ-педагогии Донишкадаро ташкил медиҳад.

Ҳиссаи кормандони илмӣ-педагогӣ (бо бастҳои қиматҳои рақамҳои пурра овардашуда), ки маълумоти ба соҳаи фанни таълимдодашванда мувофиқ доранд, дар шумораи умумии кормандони илмӣ-педагогии барномаи мутахассисро амаликунанда на камтар аз 70%-ро ташкил медиҳанд.

Ҳиссаи омӯзгорони дорои унвони илмӣ ва дараҷаи илмӣ, дар шумораи умумии омӯзгорони раванди таълимро амаликунанда аз рӯи маълумоти оморӣ 20,4 фоизро ташкил медиҳад.

Омӯзгорони сикли касбӣ маълумоти заминавӣ ва (ё) дараҷаи илмии ба соҳаи фанни таълимдодашванда мувофиқро дорад.

Ба раванди таълим 10 фоизи омӯзгорон аз зумраи роҳбарони амалкунанда ва кормандони ташкилотҳои соҳавӣ, корхонаву муассисаҳо ҷалб карда мешаванд. Инчунин ба сифати омӯзгор табибоне кор мекунанд, ки собиқаи кори амалиро аз рӯи самти мазкур дар вазифаҳои роҳбарон ё мутахассиони пешбарро дар 10 соли охир доранд.

**5.5. Таъминоти таълимӣ-методии раванди таълим**

**5.5.1.** Татбиқи барномаи таълимии омода кардани мутахассиси дипломдор бо ҳуҷҷатҳои таълимӣ-методӣ аз рӯи ҳамаи намудҳои машғулиятҳои таълимӣ, дастрасии ҳар як донишҷӯ ба фонди китобхона ва махзани маълумотҳо таъмин карда мешавад, ки аз рӯи мазмун ба номгӯи пурраи фанҳои барномаи таълимӣ, мавҷуд будани дастурамалу тавсияҳои методӣ оид ба ҳамаи фанҳо ва оид ба ҳамаи намуди машғулиятҳо, аз ҷумла оид ба ҳамаи корҳои лабораторӣ-амалии дар доираи фанҳои таълимӣ пешбинишуда мувофиқанд.

**5.5.2.** Ҳар як таълимгиранда дар давоми тамоми давраи таҳсил бо дастрасӣ ба китобхонаҳои электронӣ ва ба муҳити электронии таълимии ташкилот таъмин аст. Ҳамчунин имконияти амалӣ намудани дастрасии ҳамзамони фардӣ ба чунин система барои 25 фоизи таълимгирандагон таъмин карда шудааст.

Фонди китобхона бо нашриҳои чопӣ ва (ё) электронии адабиёти асосии таълимӣ оид ба фанҳои қисмати заминавии ҳамаи сиклҳо, ки дар 10 соли охир нашр шудаанд (барои фанҳои қисмати заминавии сикли гумманитарӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ – дар панҷ соли охир) аз ҳисоби 50 нусха адабиёти таълимии дар барномаи таълимии фан номбаршуда, 25 нусха адабиёти иловагӣ барои ҳар як 100 таълимгиранда таҷҳизонида шудааст.

Муҳити электронии таълимии ташкилот таъмин менамояд:

- дастрасӣ ба барномаҳои кории таълимии фанҳо (модулҳо), таҷрибаомӯзӣ, нашриҳои системаи электронии китобхона ва захираҳои электронии таълимии дар барнмоаҳои корӣ нишондодашуда;

Wondershare
PDFelement

- тахкими раванди таълим ва натиҷаҳои аттестатсияи фосилавӣ ва натиҷаҳои азхудкунии барномаҳои асосии таълимӣ;

- ташаккули фонди электронии таълимгирандагон, аз ҷумла нигоҳдории корҳои таълимгирандагон, баҳо барои ин корҳо аз тарафи ҳар гуна иштирокчии раванди таълим.

Ҳангоми истифодаи нашрияҳои электронӣ Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон аз компютер бо дастрасӣ ба шабакаи Интернет барои 100 таълимгирандаи шакли рӯзонаи таълимро дорад Ҳангоми истифодаи нашрияҳои электронӣ Донишкада ҳар як таълимгирандаро ҳангоми тайёрии мустақилона бо ҷойи корӣ дар синфхонаи компютерӣ бо дастрасӣ ба Интернет мувофиқи ҳаҷми фанни омӯхташаванда таъмин менамояд.

Донишкада бо маҷмӯи зарурии таъминоти литсензионии барномавӣ таъмин аст.

**5.6. Таъминоти моддӣ-техникии раванди таълим**

**5.6.1.** Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон, ки БТ-ро аз рӯи ихтисоси «Кори табобатӣ» татбиқ менамояд, заминаи моддӣ-техникӣ дорад, ки гузаронидани ҳамаи намудҳои омодакунии лабораторӣ, фаннӣ ва байнифаннӣ, корҳои илмӣ-тадқиқоти таълимгирандагонро таъмин менамояд, ки бо нақшаи таълимии Донишкада мувофиқ аст ва ба қоидаву меъёрҳои зидди сӯхтор мувофиқ аст.

**5.6.2.** Номгӯи таъминоти моддӣ-техникии минималӣ барои татбиқи БТ аз рӯи ихтисоси «Кори табобатӣ» зарурӣ дар бар мегирад:

- лабораторияҳои физика ва математика, химия, биохимия, химияи биологӣ, микробиология, вирусология, фармакология, анатомияи патологӣ, физиологияи патологӣ;
- толори анатомӣ;
- утоқҳои симулятсионӣ барои коркарди малакаҳои амалӣ
- утоқу синфхонаҳои махсус таҷҳизонидашуда барои омӯзиши фанҳои гуминитарӣ ва ичтимоӣ-иқтисодӣ, беҳдошт, саломатӣ ва тандурустии ҷамъиятӣ;
- утоқхои барои қабул ва нишон додани беморон таҷҳизонидашуда;
- утоқҳои табибии бо таҷҳизоти зарурӣ таъминушда барои гузаронидани кор бо патсиентҳое, ки кӯмаки пешгирикунанда, ташхисӣ, муолиҷавӣ (соҳаи табобатӣ ва ҷарроҳӣ) ва солимгардониро мегиранд.

**5.7. Ташкил намудани таҷрибаомӯзӣ**

**5.7.1.** Ҳангоми татбиқи БТ тайёркунии мутахассис аз рӯи самти омодакунии 1-79 01 01 «Кори табобатӣ» намудҳои зерини таҷрибаомӯзӣ пешбинӣ карда мешаванд:

**Таҷрибаомӯзии таълимӣ.**

- нигоҳубини калонсолону кӯдакони бемори соҳаи табобатӣ ва ҷарроҳӣ.

**Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ.**

- ёрдамчии ҳамшираи тиббии хуҷраҳо – 4 ҳафта баъди нимсолаи чорум;
- ёрдамчии ҳамшираи тиббии утоқи илоҷия - 4 ҳафта баъди нимсолаи шашум;
- ёрдамчии табиби статсионар (соҳаи табобатӣ, ҷарроҳӣ, акушерӣ-гинекологӣ) - 4 ҳафта баъди нимсолаи ҳаштум;
- ёрдамчии табиби дармонгоҳ - 4 ҳафта баъди нимсолаи даҳум.

Мақсаду вазифаҳо, барномаҳо ва шаклҳои ҳисоботдиҳӣ аз тарафи Донишкада аз рӯи ҳар як намуди таҷрибаомӯзӣ муайян карда мешавад.

Таҷрибаомӯзиҳо дар муассисаҳои тиббӣ ва илмие гузаронида мешаванд, ки захираи зарурии кадрӣ ва илмӣ-техникӣ дошта, фаъолияти асосии онҳо аз мавҷуд

Wondershare
PDFelement

будани объектҳо ва намудҳои фаъолияти касбии хатмкунандагон аз рӯи самти мазкури тайёркунӣ (ихтисос) ё дар кафедраҳо ва клиникаҳои Донишкада гузаронида мешаванд.

**5.7.2.** Аттестатсияи таҷрибаомӯзии ҷамъбастӣ дар асоси талаботи таҳияшуда ва талаботи муқарраршудаи ҳисоботи хаттӣ ё тақризи роҳбари таҷрибаомӯзӣ ва корхона гузаронида мешавад. Аз рӯи натиҷаи аттестатсия баҳо гузошта мешавад.

**5.8. Хуқуқҳо ва вазифаи донишҷӯ**

Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон барои таълимгирандагон имконияти воқеии иштирок кардан дар ташаккули барномаи таълимии худ, аз ҷумла таҳияи имконпазири барномаҳои фардии таълимиро фароҳам меоварад:

- омӯзиши 100%-и ҳатмии фанҳои ҳатмӣ ва фанҳои интихобии нақшаи таълимӣ пешбиникарда;
- омӯзиши ҳатмии фанҳо дар ҳаҷми 70 кредит дар соли таҳсил;
- ҳангоми таҳияи барномаи фардии таълимии худ таълимгирандагон дар МТҒ «ДТИТ» оид ба интихоби фанҳо (модулҳо) ва таъсири онҳо ба ихтисосгирии ояндаи БТ омодакунии мутахассис машварат гирифта метавонанд;
- таълимгирандагон ҳангоми интиқол аз дигар мактаби олӣ ҳангоми мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои мувофиқ барои аз сари нав супоридани фаннҳои (модулҳои) қаблан азхудкардашуда дар асоси аттестатсия ҳуқуқ доранд;

**5.9. Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ**

**Ф**асли ҳатмии БТ омодакунии табиб мебошад. Вай ба ташаккули маҷмӯии салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ мувофиқи талаботи Стандарти давлатии таълимии олии касбӣ равона карда шудааст.

**5.9.1.** Ҳангоми таҳияи барномаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ МТҒ «ДТИТ» ба таълимгирандагон имконият медиҳад:

- адабиёти махсус ва дигар иттилооти илмӣ-тезхникиро оид ба дастовардҳои илму техникаи ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи мувофиқи донишҳоро омӯзад;
- дар гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ё иҷрои коркардҳои техникӣ иштирок намояд;
- иттилооти илмӣ-техникиро оид ба мавзӯъ (супориш) ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва мураттаб намояд;
- аз рӯи мавзӯъ ё фасли он (марҳила, супориш) ҳисобот (фасли ҳисобот) тартиб диҳад;
- дар конфренсияҳо бо маърӯза баромад кунад.

## 6. МАҶМӮИ ҲУҶҶАТҲОИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 1-79 01 01–КОРИ ТАБОБАТӢ

**6.1. Нақшаи таълимӣ аз рӯи ихтисос**

Нақшаи таълимӣ қисми маҷмӯи ҳуҷҷатҳои барномаи таълимӣ мебошад, ки рӯйхати фанҳо, ҳаҷми вақти корӣ, тратиби ҳаракат ва марҳилаҳои алоҳидаи тайёркунии фанҳои таълимӣ, таҷрибаомӯзиҳо, машғулиятҳои факултативӣ, модулҳои таълимӣ ва дигар намудҳои фаъолияти амалии таълимӣиро муқаррар менамояд. Накшаи таълимӣ аз рӯи ихтисос дар бар мегирад:

- номгӯй ва рамзи ихтисос, тахассус, мӯҳлат ва шаклҳои таълим;
- нақшаи раванди таълим (бо ҳафтаҳо);
- буҷети тақсимшудаи вақт (бо ҳафтаҳо);

Wondershare
PDFelement

- накшаи равнади таълим бо нишон додани номгӯи блокҳо ва фанҳои ҳатмӣ, миқдори кредит (синфӣ ва берунисинфӣ) нимсолаҳо, таҷрибаомӯзиҳо ва аттестатсияи давлатӣ;
- рӯйхати (реестри) фанҳои элективӣ.

Нақшаи таълимӣ аз рӯи ихтисосро Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон мувофиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва тадлаботи дар бандҳои 2 ва 4-и ҳуҷҷати мазкур нишондодашуда таҳия намудааст. Нақшаи таълимӣ ва ҳамзамон ҳуҷҷати мазкур аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди баррасии Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методӣ (МҶТМ) тасдиқ менамояд.

**6.2. Нақшаи таълимии корӣ (НТК)**

НТК-ро МТҒ «ДТИТ» барои ихтисоси «Кори табобатӣ» ва талаботи компоненти давлатӣ ва мактаби олӣ таҳия намудааст. Барномаи корӣ сохтори барнома ва ҳаҷми вақти барои омӯзиши он заруриро бо соатҳо; реҷаи раванди таълим, пайдарҳамии омӯзиши фанҳоро аз рӯи курс ва нимсолаҳо, намудҳои машғулиятҳои таълимӣ ва таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, шаклҳои аттетстатсияи фосилавӣ ва намудҳои аттестатсияи давлатии таълимиро муайян менамояд. НТК дар асоси нақшаи намунавии таълимии Раёсати таълимӣ-методӣ таҳия шуда, бо Шӯрои олимон мувофиқа карда шудааст ва аз тарафи шуъбаи таълим тасдиқ карда шудааст

**6.3. Барномаҳо аз рӯи намуди таҷрибаомӯзӣ**

Барномаи аз рӯи намудҳои таҷрибаомӯзӣ (таълимӣ, истеҳсолӣ) дар асоси Стандарти давлатии таълимии маълумоти олии касбӣ бо назардошти талабот ба минимуми мундариҷа ва дараҷаи тайёркунии хатмкунанда аз рӯи БТ 1-79 01 01 «Кори табобатӣ» барои таҳкими донишу малакаҳои амалӣ, такмили малакаҳо ва усулҳои кор, гирифтани таҷрибаи амалӣ ва омодагӣ ба фаъолияти касбии табиб таҳия карда шудааст.

Барномаҳо аз рӯи намуди таҷрибаомӯзӣ дар бар мегиранд:
- принсипҳои асосии ташкил намудани таҷрибаомӯзӣ;
- мақсаду вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ;
- мунадарича, шакл, ҷой ва вақти таҷрибаомӯзӣ;
- салоҳияти донишҷӯён, ки дар рафти гузаштани таҷрибаомӯзӣ шакл мегирад;
- сохтор ва мундариҷаи таҷрибаомӯзӣ;
- системаи супоришҳое, ки иҷрои онҳо аз тарафи донишҷӯ дар рафти гузаштани таҷрибаомӯзӣ зарур аст;
- ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ аз рӯи натиҷаи гузаштани таҷрибаомӯзӣ;
- баҳои гузаштани таҷрибаомӯзӣ:
- таъминоти таълимӣ-методӣ ва иттилоотии таҷрибаомӯзӣ;

Барномаҳо аз рӯи намуди таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедраҳои тахассусӣ бо ҷалб намудани шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва базаи гузаштани таҷрибаомӯзӣ таҳия карда мешаванд. Ҳуҷҷати мазкур аз ҷониби муовини ректор оид ба таълим (Шӯрои илмӣ-методӣ) тасдиқ карда мешавад.

**6.4. Барномаи таълимӣ аз рӯи фанҳо**

Барномаи таълимӣ аз рӯи фан – ин қисми барномаи таълимӣ мебошад, ки мақсаду вазифаҳои курс (фан) бо баёни мавзӯъҳо ва иттилооти иловагӣ оид ба онҳоро, ки дар асоси онҳо силабус таҳия шудааст, муайян мекунад. Барномаи таълимии фан аз баёни фан, тафсири мухтасари мавзӯъҳо ва маводи таълимӣ, супоришҳо барои кори мустақилона, намунаи тестҳо, саволномаҳои хаттӣ ва шифоҳӣ меъёрҳои баҳодиҳии дониш ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Wondershare PDFelement

Ҳуҷҷати мазкурро кафедра таҳия менамояд ва баъди маъқул донистани Шӯрои илмӣ - методӣ тасдиқ менамояд.

**6.5. Силлабус/Барномаи корӣ барои донишҷӯ**

Силлабус – барномаи корӣ барои донишҷӯ бо баёни мухтасари курс, мақсад ва натиҷаҳои таълими донишҷӯён, инчунин равандҳо ва принсипҳои баҳодиҳии фаъолияти донишҷӯён мебошад. Силабус байни фанни омӯхташаванда, мақсаду вазифаҳои фан, номгӯи мавзӯъҳо ва давомнокии омӯзиши онҳо, супоришҳо барои корҳои мустақилонаи донишҷӯ, намунаи супоришҳои тестӣ ва санҷишӣ, вақти машваратдиҳӣ ва речаи тафтиши дониши донишҷӯ, талаботи омӯзгор, меъёрҳои баҳогузорӣ ва рӯйхати адабиётро дар бар мегирад.

Силлабуси мазкурро кафедра таҳия менамояд ва бо Шӯрои методӣ - тахассусӣ мувофиқа менамояд ва Шӯрои илмӣ-методӣ тасдиқ менамояд.

**6.6. Аннотатсияи барномаҳои таълимии фанҳои ҳатмӣ**

Аннотатсияи барномаҳои таълимии фанҳои ҳатмӣ иттилооти мухтасарро оид ба фанни таълимдиҳанда ва мундариҷаи онро инъикос менамояд. Ҳуҷҷати мазкур бандҳои зеринро дар бар мегирад:

- номи фан;
- баёни мухтасари фан;
- намудҳои машғулият
- забони омӯзиш
- натиҷаҳои интизории таълим
- салоҳиятҳое, ки ҳангоми омӯзиши фан (модул) шакл мегирад
- номгӯи фаслҳои фан
- воситаҳои истифодашавандаи таълим
- шаклҳои назорати ҷорӣ ва ҷамъбастӣ.

Аннотатсияи барномаҳои таълимии фанҳои ҳатмӣ дар кафедра таҳия карда мешавад. Ҳуҷҷати мазкур алоҳида аз БТ тасдиқ карда намешавад.

Wondershare PDFelement

## 7. АТТЕСТАТСИЯИ ҶАМЪБАСТӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 1-79 01 01 – «Кори табобатӣ»

**7.1. Аттестатсияи ҷамъбастии мутахассис**

Аттестатсияи ҷамъбастии табиби оянда супоридани имтиҳони давлатиро дар бар мегирад.

Аттестатсияҳои ҷамъбастӣ барои муайян намудани омодагии амалӣ ва назариявии хатмкунанда барои иҷрои вазифаҳои касбии барномаи мазкури таълимӣ муқаррарнамуда ва идома додани таҳсил дар интернатура ё ординатураи клиникӣ мувофиқи бандҳои 1.4 ва 1.5 барномаи мазкури таълимӣ пешбинӣ шудаанд.

Имтиҳонҳои давлатии хатм ба таркиби аттестатсияи ҷамъбастӣ дохилшаванда пурра ба талаботи барномаи таълимӣ аз рӯи ихтисос мувофиқ аст, ки хатмкунанда ҳангоми таҳсил азхуд кардааст.

**7.1.1. Имтиҳони давлатӣ**

Тартиби гузаронидан ва барномаи имтиҳони давлатӣ аз рӯи ихтисоси 1-79 01 01 – «Кори табобатӣ»-ро МТҒ «ДТИТ» дар асоси тавсияҳои методӣ ва барномаи таълимии намунавӣ, «Низомнома дар бораи аттестатсаи ҷамъбастии хатмкунандагони мактабҳои олӣ», ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, муайян мекунад.

**7.2. Талабот ба диплом ва замимаи диплом**

**7.2.1. Талабот ба диплом**

Wondershare PDFelement

Хатмкунандагоне, ки барномаи таълимии маълумоти олии касбиро азхуд кардаанд, дипломи намунаи давлатии дараҷаи «мутахассис»-ро аз рӯи ихтисоси 1-79 01 01 – «Кори табобатӣ» мегиранд.

**7.2.2. Замима ба диплом**

Ба дипломи намунаи давлатӣ замима бо нишон додани: дараҷаи академӣ; ихтисос; номгӯи фанҳо бо натиҷаи азхудкунии кредит аз рӯи нимсолаҳо; GPA аз рӯи нимсолаҳо ва дар ҷамъбаст; натиҷаҳои корҳои курсӣ; таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, педагогӣ ва истеҳсолӣ; натиҷаи аттестатсияи давлатӣ, натиҷаҳои таълим; силсилаи дипломи намунаи давлатӣ дода мешавад.

Замима бе диплом эътибор надорад.

## 8. НИЗОМИ ДОХИЛИ ТАЪМИНИ СИФАТ ТИБҚИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 1-79 01 01 – «Кори табобатӣ»

**8.1. Муқаррароти асосӣ**

Сифати таълим – тавсифи маҷмӯии фаъолияти таълимӣ ва тайёркунии таълимгирандагон, ки дараҷаи мувофиқати онҳоро ба стандартҳои умумиҳатмии таълим ва талаботҳои тарафҳои асосии манфиатдор, инчунин дараҷаи ба даст овардани мақсадҳои ба даст даровардашуда ва натиҷаҳои барномаҳои таълимӣ мебошад.

Таъмин намудани сифат – раванди фароҳам овардани шароитҳои муайян ва ҷудо намудани захираҳои зарурӣ мебошад, ки мувофиқати мундараиҷаи барномаҳои таълимӣ, имкониятҳои таълимӣ ва воситаҳои мақсадҳои гузошташуда ва дараҷаи матлуби сафатро таъмин менамояд.

Системаи дохилии таъмин намудани сифати Донишкада – ин маҷмӯи сохтори ташкилии МОТ, ҳуҷҷатҳои дохилӣ, нишондиҳандаҳо, равандҳо ва захираҳои барои доимо баланд бардоштани сифати барномаҳои таълимӣ ва инкишофи маданияти такмили мутаассил зарурӣ мебошад.

**8.2. Принсипҳои кафолати сифат**

Принсипҳои кафолати сифат дар МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» инҳо мебошанд:

- Масъулияти асосие, ки МТҒ «ДТИТ» барои сифати таълими пешниҳодшаванда ва кафолати он бар душ дорад;
- Кафолати сифат, ки ба талаботи ҷамъият, МОТ, донишҷӯён ва дигар тарафҳои манфиатдор ҷавобгӯ аст;
- Таҳлили мунтазам ва баррасии барномаҳои таълимии 1-79 01 01 – «Кори табобатӣ»-и ба сохторҳои Донишкада мувофиқ;
- Худҳисоботдиҳии давравӣ аз рӯи натиҷаҳои тайёркунии донишҷӯён аз рӯи барномаи - 1-79 01 01 – «Кори табобатӣ»;
- Анкетакунонии мунтазами донишҷӯён, хатмкунандагон ва кордиҳандагон;
- Даъват намудани коршиносони беруна барои таҳлили сифати барномаҳои таълимӣ;
- Шаффофияти натиҷаҳои баҳодиҳии сифат барои ҷамъият.

**8.3. Стандартҳои таъминоти дохилии сифат**

Системаи дохилидонишкадавии сифат ба «Стандартҳо ва дастурамал барои таъмин намудани сифати маълумоти олӣ дар фази аврупоии маълумоти олӣ (ESG)» такя мекунад ва принсипҳои зеринро дар бар мегирад:

- сиёсати таъмини дохилии сифат;
- таҷдид ва такмили барномаҳо;

Wondershare PDFelement

- таълими ба донишҷӯён мутамарказшуда;
- стандартҳои қабули донишҷӯён, назорати дарсазхудкунӣ, эътироф ва сертификатсия;
- стандартҳое, ки равандҳои одилона ва шаффофро ҳангоми ба кор қаблукунӣ, инкишофи касбӣ ва аз кор хориҷ намудани кормандон пешбинӣ менамояд;
- стандартҳои захира ва системаҳои таълимии дастгирии таълимгирандагон (маблағгузории кофӣ барои таълим ва фаъолияти омӯзгорӣ; пешниҳод намудани захираҳои таълимии мувофиқ ва осон дастрас ва усулҳои дастгирии донишҷӯён);
- стандартҳои идоракунии иттилоот (МТҒ «ДТИТ» ҷамъоварӣ, таҳлил ва истифодаи иттилооти мувофиқро барои идоракунии самараноки барномаҳои таълимӣ ва дигар самтҳои фаъолияти худро таъмин менамояд);
- МДҒ «ДТИТ» иттилооти равшан, аниқ, объективӣ, мубрам ва осону дастрасро оид ба фаъолияти худ нашр мекунад;
- мониторинги доимӣ ва баҳодиҳии давравии барномаҳо;
- таъмини мунтазамии назорати сифат (литсензиякунонӣ, аккредитатсия ва ғайра).

## 9. ИДОРАКУНИИ ТАҒЙИРОТҲО

Дар ҳолати ворид намудани тағйирот ва таҷдиди барномаи таълимӣ кафедраи тахассусӣ сари вакт тағийрот ё таҷдиди мазкурро ба Шӯрои олимони Донишкада барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

Wondershare PDFelement

Wondershare PDFelement



# Шарҳи мухтасари барномаҳои таълимии фанҳои ҳатмӣ

## 1. БАХШИ ФАНҲОИ ЗАМИНАВӢ

## 1.1. МОДУЛИ ИҶТИМОӢ-ГУМАНИТАРӢ

### 1.1.1. Фалсафа

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Фалсафа аз калимаи юнонии philo (филео) - дӯст доштан ва sophia (софия) - ҳикмат гирифта шуда, маънояш дӯст доштани ҳикмат, муҳаббат ба ҳикмат ё худ меҳри ҳикмат аст. Ин истилоҳро бори аввал дар Юнони қадим Пифагор истифода бурда, худро файласуф - донандаи ҳикмат эътироф мекунад. Фалсафа - ҳамчун илм қонуниятҳои умумитарини инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккури инсонро меомӯзад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | Лексионӣ, амалӣ, КМДРО, КМД |
| **Забони таълим** | Тоҷикӣ, русӣ |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | ✓Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд: **Донад:**<br>дар баҳамовардани тамаддунҳо ва ба ҷахонисозии фарҳанг ва эҳёи суннатҳои ахлоқӣ, тарбиявӣ, тайёр бошанд;<br>✓барои пешрафти ҷаҳонбиниашон аз унсурҳои афкории фалсафӣ, хулосаҳои зарурӣ бароварда, зиндагии маънавиро аз он тақвият бахшанд;<br>✓нақши донишҳои фалсафиро дар ҷомеа муайян намуда, арзиши афкори фалсафиро дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ, танҳо ба манфиати ҷомеа равона созанд.<br>**Тавонад:**<br>оид ба ғояи афкори фалсафӣ андешаи дуруст пайдо карданро;<br>✓фаъолияти худро дар донишомӯзӣ ва барои оянда дар кори таълиму тарбия дуруст ба роҳ монад;<br>**Аз худ намояд:**<br>- луғату истилоҳои фанни мазкурро;<br>✓номгӯи мақолаҳоеро, ки доир ба ин фан дарҷ шудаанд;<br>✓номи китобҳои дарсиеро, ки аз ин фан таҳия шудаанд;<br>✓номгӯи мавзӯъҳои асосии фанро. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютерӣ фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ |
| **Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ компютерӣ) |

### 1.1.2. Таърихи муосири Тоҷикистон

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Таърих илмест, ки тараққиёти ҷамъияти инсониро бо тамоми амиқию гуногуншаклӣ, бо мақсади дарки кунунӣ ва самту имкониятҳои ояндааш меомӯзад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | Лексионӣ, амалӣ, КМДРО, КМД |
| **Забони таълим** | Тоҷикӣ, русӣ |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>**Донад:**<br>- луғат ва истилоҳҳои фанни мазкурро;<br>- номи китобҳои дарсиеро, ки аз ин фан таҳия шудаанд;<br>- номгӯи мавзӯъҳои асосии фанро.<br>**Тавонад:**<br>- интихоби ғояҳои асосии фанни таърихи муосири Тоҷикистонро дуруст қабул кардан;<br>- омода намудани амсилаҳои махсуси фанниро;<br>- ташкил ва гузаронидани тадқиқотҳо таърихӣ дар рафти машғулиятҳо;<br>- дуруст натиҷагирӣ намудан аз хулосаҳои таҳқиқотӣ таърихӣ;<br>- дарки дурусти мафҳум ва қонунҳои таърихӣ;<br>- ташхиси дурусти илмии таърихи муосири Тоҷикистон аз илмҳоидигари ҷомеашиносӣ;<br>**- Аз худ намояд:**<br>- мақсаду вазифаҳои фанни «Таърихи муосири Тоҷикистон»- ро;<br>- назарияҳои асосии муҳаққиқони соҳаро; |

Wondershare PDFelement

| | |
|---|---|
| | - таърифҳо, мафҳумҳои асосӣ ва истилоҳоти махсуси соҳаи таърихи муосири Тоҷикистонро;<br>- истифодаи амалии методҳои тадқиқотии фанро |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати электронӣ |
| **Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ, компютерӣ) |

### 1.1.3. Фарҳангшиносӣ

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Фарҳангшиносӣ - илмест, ки комёбиҳои фарҳангии давраҳои гуногуни ҷомеаи инсониро фаро мегирад. Омӯзиши илми фарҳангшиносӣ ба аҳли башар имконият медиҳад, ки аз дастовардҳои бузурги фарҳангу тамаддуни гузаштаю имрӯзаи бархурдор шаванд ва ба пешрафти он мусоидат намоянд. |
| **Намуди машғулиятҳо** | Лексионӣ, амалӣ, КМДРО, КМД |
| **Забони таълим** | Тоҷикӣ, русӣ |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад***<br>- зарурияти омӯзиши фарҳанг, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои фараҳангшиносӣ, марҳилаҳои таърихии инкишофи фан, тафовути фарҳангшиносӣ ва аз дигар илмҳои ҷомеашиносӣ, алоқамандии фарҳангшиносӣ ва бо илмҳои иҷтимоӣ-инсоншиносӣ, табиӣ-риёзӣ ва техникӣ<br>-ҷаҳонишавӣ ва арзишҳои фарҳангӣ, эҳёи суннатҳои ахлоқӣ, тарбиявӣ;<br>- нақши фарҳанг дар ҷомеаи имрӯза.<br>-муайян намудани, арзишҳои фарҳангӣ дар шароити ҷаҳоншумулӣ.<br>- корбурди усулҳои асоси илмӣ дар омузиши фани фарҳангшиносӣ<br>***Тавонад***<br>- оид ба ғояи афкори фарҳангӣ андешаи дуруст пайдо карданро;<br>- фаҳмидан ва шарҳ додани масоилҳои асосӣ фарҳанг;<br>- Таҳлили муқоисавӣ масоилҳои фарҳангӣ аз назари мутафаккирони мактабҳои гуногуни фалсафӣ;<br>- Марҳилаҳои асоси ташаккулёби фарҳангшиносӣ ҳамчун илм.<br>- Шарҳ ва тавзеҳи масоилҳои мубрами фарҳангшиносӣ.<br>- дарк намудани масоили мубрами муосир ва роҳҳои ҳалли онҳоро.<br>***Малака ҳосил намояд***<br>- оид ба таҳлилнамоӣ;<br>- оид ба таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ;<br>- оид ба ҳамкорӣ кардан бо ҳамкасбон. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Тахтаи электронӣ, компютери фардӣ, проектор |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Имтиҳон (тестӣ, компютерӣ) |
| **Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Дарсҳои амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ, супоришҳои тестӣ |

### 1.1.4. Диншиносии илмӣ

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Диншиносӣ илмӣ яке аз илмҳои ҷомеашиносӣ ва фалсафию таърихи буда, объекти он на як дини хос балки тамоми динҳое мебошад, ки инсоният дар таърихи худ доштааст ва шинохтааст. Мавзӯи баҳси он масъалаҳои таърихи пайдоишу таҳаввул ва такомули динҳо мебошад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | Лексионӣ, амалӣ, КМДРО, КМД |
| **Забони таълим** | Тоҷики, русӣ. |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад***<br>- зарурияти омӯзиши диншиносӣ, мафҳумҳои асосӣ, вазифаҳои диншиносӣ, марҳилаҳои таърихии инкишофи фан, тафовути диншиносӣ ва аз дигар илмҳои ҷомеашиносӣ, алоқамандии дин ва бо илмҳои иҷтимоӣ-инсоншиносӣ, табиӣ-риёзӣ ва техникӣ<br>- ҷаҳонишавӣ ва арзишҳои динӣ, эҳёи суннатҳои ахлоқӣ, тарбиявӣ;<br>- нақши дин дар ҷомеаи имрӯза;<br>- муайян намудани, арзишҳои динӣ дар шароити ҷаҳоншумулӣ;<br>- корбурди усулҳои асоси илмӣ дар омузиши фани диншиносӣ. |

Wondershare PDFelement

| | |
|---|---|
| | ***Тавонад***<br>- оид ба ғояи афкори динӣ андешаи дуруст пайдо карданро;<br>- фаҳмидан ва шарҳ додани масоилҳои асоси динӣ;<br>- Таҳлили муқоисавӣ масоилҳои динӣ аз назари мутафаккирони мактабҳои гуногуни фалсафӣ;<br>- Марҳилаҳои асоси ташаккулёби диншиносӣ ҳамчун илм;<br>- Шарҳ ва тавзеҳи масоилҳои мубрами диншиносӣ;<br>- дарк намудани масоили мубрами муосир ва роҳҳои ҳалли онҳоро.<br>***Малака ҳосил намояд***<br>- оид ба таҳлилнамоӣ;<br>- оид ба таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ;<br>- оид ба ҳамкорӣ кардан бо ҳамкасбон. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компиютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, сухбати инфиродӣ |
| **Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ компиютери) |

**1.1.5. Сотсиология**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Сотсиология илмест, ки барқароршавӣ, рушд ва тағйироту дигаргуншавии умумиятҳои иҷтимоӣ ва шаклҳои гуногуни зуҳуроти он: низом, сохтор ва институтҳои иҷтимоии онро меомӯзад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | Лексионӣ, амалӣ, КМДРО, КМД |
| **Забони таълим** | Тоҷикӣ, русӣ |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе,ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>- луғат ва истилоҳҳои фанни мазкурро;<br>- номи китобҳои дарсиеро, ки аз ин фан таҳия шудааст;<br>- номгӯи мавзӯъҳои асосии фанро.<br>***Тавонад:***<br>- интихоби ғояҳои асосии фанни сотсиология дуруст қабул карданро;<br>- омода намудани амсилаҳои махсуси фанниро;<br>- ташкил ва гузаронидани тадқиқотҳои сотсиологӣ дар рафти -- машғулиятҳоро;<br>- дуруст натиҷагирӣ намудан аз хулосаҳои таҳқиқотӣ сотсиологиро;<br>- дарки дурусти мафҳум ва қонунҳои сотсиологиро;<br>- ташхиси дурусти илми сотсимология аз илмҳои дигари ҷомеашиносиро<br>***Аз худ намояд:***<br>- Мақсаду вазифаҳои фанни “Сотсиология”-ро;<br>- назарияҳои асосии муҳаққиқони соҳаро;<br>-таърифҳо, мафҳумҳои асосӣ ва истилоҳоти махсуси соҳаи сотсиологияро;<br>- истифодаи амалии методҳои тадқиқотии фанро; |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютерӣ фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, сухбати инфиродӣ |
| **Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ компютерӣ) |

**1.1.6. Сиёсатшиносӣ**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Фанни мазкур барои васеъ гардонидани доираи фаҳмиши донишҷӯ дар бораи сиёсат ва ҳаёти сиёсии ҷомеа, қонуниятҳо ва махсусиятҳои аз худ намудани донишҳои назариявӣ ва амалӣ дар бораи ташаккул ва инкишофи раванду ходисаҳои ҳаёти сиёсӣ, самаранок истифода намудан донишҳо дар воқеияти ҷамъиятӣ, ташаккулу инкишофи қобилияту маҳорати касбии донишҷӯ дар муносибат бо падидаҳои мухталифи сиёсӣ ва танзими фаъолияти онҳо пешбинӣ шудааст. |
| **Намуди машғулиятҳо** | Лексионӣ, амалӣ, КМДРО, КМД |
| **Забони таълим** | Тоҷикӣ, русӣ |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад***<br>- маданияти сухан ва бурдани баҳсҳои сиёсӣ дар робита бо намуд ва вазъи муошират ва риояи қоидаҳои гуфтор; |

Wondershare
PDFelement

| | |
|---|---|
| | - маҳорати мустақилона кор кардан бо адабиёти илмӣ-таълимӣ, бо манбаъҳои хаттӣ ва маводи тадқиқотӣ доир ба мавзӯъҳои мушаххас;<br>- мазмун, принсип, вазифа ва тартиботи сиёсиро;<br>- барқароршавӣ ва инкишофи ҳокимияти сиёсиро;<br>- шаклу усулҳои идоракунии ҳаёти сиёсии ҷомеаро,<br>- қонуниятҳо, методҳо ва категорияҳои сиёсатшиносиро;<br>- омӯзиши мафҳуми «низоъ», инкишофи донишҳо оид ба сохт, шакл ва роҳҳои ҳалли онҳо;<br>***Тавонад***<br>- малакаи муошırати сиёсии шифоҳӣ дар фазои илмӣ-амалӣ;<br>- дуруст таҳлил ва дарк намудани масъалаҳои сиёсии давлатро;<br>- ташаккули ҷаҳонбинии сиёсӣ  ва ҳақиқати сиёсиро муайян намоянд;<br>- ҳифз намудани манфиатҳои миллии давлатро;<br>- баланд бардоштани маданияти сиёсии шаҳрвандиро;<br>- дуруст таҳлил намудани ахборҳои сиёсии ВАО-ро;<br>- дарки масъалаҳои асосии ҳаёти сиёсӣ ва фаҳми дурусти моҳияти онҳо, муайян намудани тарзи муносибат ба онҳо;<br>- тамоили инкишофи равандҳои сиёсиро кушода, вазифаи пешбининамоиро объективона иҷро намояд;<br>***Малака пайдо намояд***<br>- қобилияти таҳлил кардан ва хулосаи зарурӣ баровардад;<br>- таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавиро истифода бурда тавонанд;<br>- нишон додани маданияти сиёсӣ ва донишу малакаи илмӣ;<br>- мустақил таҳлил кардани масъалаҳои сиёсии имрузаи давлат;<br>- дуруст баён намудани фикру ақидаҳои худ оид ба сиёсати давлатӣ. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Китобҳои дарсӣ, кабинети лингофонӣ, компютери фардӣ, проектор |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ |
| **Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тести компютерӣ) |

**1.1.7. Ҳуқуқ аз рӯи ихтисос**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Ҳуқуқ низоми қоидаҳои ба ҳама ҳатмӣ рафтор буда, аз тарафи давлат қабул, тасдиқ ва муқарар карда шуда, муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим медарорад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | Лексионӣ, амалӣ, КМДРО, КМД |
| **Забони таълим** | Тоҷикӣ, русӣ |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>**Донад:**<br>- луғат ва истилоҳҳои фанни мазкурро;<br>- номи китобҳои дарсиеро, ки аз ин фан таҳия шудаанд;<br>Номгӯи мавзӯъҳои асосии фанро.<br>**Тавонад:**<br>- интихоби ғояҳои асосии фанни ҳуқуқ дуруст қабул карданро;<br>- омода намудани амсилаҳои махсуси фанниро;<br>- ташкил ва гузаронидани тадқиқотҳои ҳуқуқӣ дар рафти машғулиятҳо;<br>- дуруст натиҷагирӣ намудан аз хулосаҳои таҳқиқотӣ<br>- дарки дурусти мафҳум ва қонунҳои ҳуқуқиро<br>- ташхиси дурусти илмии ҳуқуқ аз илмҳоидигари ҷомеашиносӣ;<br>**- Аз худ намояд:**<br>- мақсаду вазифаҳои фанни «Ҳуқуқ»- ро;<br>- назарияҳои асосии муҳаққиқони соҳаро;<br>- таърифҳо, мафҳумҳои асосӣ ва истилоҳоти махсуси соҳаи ҳуқуқ;<br>- истифодаи амалии методҳои тадқиқотии фанро |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати электронӣ |
| **Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ, компютерӣ) |

Wondershare PDFelement

Wondershare
PDFelement

## 1.2. МОДУЛИ ФАНҲОИ ЗАБОНӢ

### 1.2.1.Забони тоҷикӣ аз рӯи ихтисос

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Бозкушоии моҳияти омӯзиши забони тоҷикӣ дар факултетҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ ва табиӣ-риёзии донишгоҳҳои омӯзгорӣ. Дар ин росто, омӯзиши қоидаҳои навишт, аломатҳои китобат, аз худ намудани масоили марбут ба ҳуҷҷатнигорӣ, муаррифии дурусти масъалаҳои ихтисосӣ, мукотиботи ихтисосӣ, истифодаи дуруст ва самараноки луғатҳои соҳавӣ, ибораҳои ихтисосӣ, услуби машқҳои ихтисосӣ, кор бо матнҳои марбута ва таҳлили онҳо, маданияти нутқи донишҷӯён, одоби муошират, такмили тавоноии шогирдон дар иншои эссеҳо, маърӯза аз рӯйи ихтисос пешбинӣ шудааст. |
| **Намуди машғулиятҳо** | Лексионӣ, амалӣ, КМДРО, КМД |
| **Забони таълим** | Тоҷикӣ |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Дар натиҷаи омӯзиши фанни забони тоҷикӣ донишҷӯён бояд чунин салоҳиятҳои касбиро соҳиб шаванд:<br>**бояд донанд:**<br>- омӯзиши қоидаҳои навишт;<br>-аломатҳои китобат;<br>-аз худ намудани масоили марбут ба ҳуҷҷатнигорӣ;<br>-муаррифии дурусти масъалаҳои ихтисосӣ;<br>-ташреҳи истилоҳҳои ихтисосӣ;<br>-мукотиботи ихтисосӣ;<br>-истифодаи дуруст ва самараноки луғатҳои соҳавӣ;<br>-ибораҳои ихтисосӣ;<br>-услуби машқҳои ихтисосӣ;<br>-кор бо матнҳои марбута ва таҳлили онҳо;<br>-маданияти нутқи донишҷӯён;<br>-одоби муошират;<br>-такмили тавоноии шогирдон дар иншои эссеҳо.<br>**бояд тавонанд:**<br>- иттилоотро ба дониш табдил дода тавонад;<br>- мавқеи ихтисоси худро дар фаҳмиши забони тоҷикӣ ҷой дода тавонад;<br>- аз нигоҳи забони тоҷикӣ ба равандҳои ҷаҳонӣ баҳо дода тавонанд.<br>**азхуд намоянд:**<br>-имлои забони тоҷикиро<br>- луғату истилоҳои фанни мазкурро;<br>- номгӯи мақолаҳоеро, ки доир ба ин фан интишор шудаанд;<br>- номи китобҳои дарсиеро, ки аз ин фан таҳия шудаанд;<br>- номгӯи мавзӯҳои асосии фанро:<br>малака пайдо кунанд:<br>-мавзӯъҳои гуногунро таҳлил карда, хулосаи зарурӣ бароранд;<br>-мустақилона кор карда тавонанд;<br>-истифода намуда тавонистани компютер, проектор ва интернет. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ, таъминотҳои барномавӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Саволу ҷавоб, билет, суҳбати инфиродӣ |
| **Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (хаттӣ/шифоҳӣ) |

### 1.2.2. Забони русӣ аз рӯи ихтисос

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Фанни **Забони русӣ аз рӯи ихтисос** барои факултетҳои ғайрифилологӣ таҳия гардидааст. Забони русӣ забони муоширати байни миллатҳо ба шумор меравад. Забони русӣ барои ғанӣ гардидани забони миллии мо таъсири муфид мерасонад. Оиди боигарӣ ва иқдидори забони русӣ мутафаккирони адабӣ ва ҷамъиятӣ – шоирони классики рус дар осори худ қайд намудаанд. Забони русӣ аз рӯи ихтисос барои баланд бардоштани маданияти нутқи донишҷӯён, шуурнокӣ, забондонӣ ва муошират онҳо бо ин забон истифода бурда мешавад. Забони русӣ аз рӯи тахассус барои мукаммал намудани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, аз худ намудани матнҳои тахассусӣ, таҳлилу тавзеҳ додани мундариҷаи матн истифода бурда мешавад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | Амалӣ, КМДРО, КМД |
| **Забони таълим** | Русӣ |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>Донад: |

Wondershare PDFelement

| | |
|---|---|
| **аз тадриси фан ба даст меоянд** | -луғат ва истилоҳҳои фанни мазкурро;<br>-номи китобҳои дарсиеро, ки аз ин фан таҳия шудаанд;<br>-номгӯи мавзӯъҳои асосии фанро;<br>Тавонад:<br>-Интихоби ғояҳои асосии фанни забони русиро дуруст қабул карданро;<br>-омода намудани амсилаҳои махсуси фанро;<br>-ташкил ва гузаронидани тадқиқотҳои фани забони русӣ да рафти машғулиятҳо;<br>-дуруст натиҷагирӣ намудани аз хулосаҳои таҳқиқотии фанни |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, суҳбати инфиродӣ |
| **Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ компютерӣ) |

**1.2.3. Забони хориҷӣ (англисӣ) аз рӯи ихтисос**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Мақсади асосии омӯзиши фанни мазкур аз худ намудани забони англисӣ буда, озодона баён доштани он мебошад. Инчунин, низом ва сохтори забон ва воҳидҳои забонӣ, маводи луғавиро аз бар намоянд. |
| **Намуди машғулиятҳо** | Амалӣ, КМДРО, КМД |
| **Забони таълим** | Тоҷикӣ, русӣ |
| **Натиҷаҳои таълиме, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд:<br>***Донад:***<br>-тарзи талаффузи овозҳо, оҳанг, задагузорӣ ва хусусияҳои асосии тарзи пурраи талаффуз, ки барои робитаи касбӣ хос мебошанд;<br>-ҳадди кифояи донистани луғатҳо дар ҳаҷми 4000 воҳиди лексикӣ, ки дорои хусусияти умумӣ, инчунин маишӣ, истилоҳотӣ, умумиилмӣ, расмӣ ва ғайра мебошанд;<br>-проблемаҳои калимабандӣ, воҳидҳои фразеологӣ, тарзҳои асосии муошырати хаттӣ ва шифоҳӣ;<br>-муошират, нутқи муколамавӣ ва монологӣ бо истифодаи воситаи техникӣ.<br>***Тавонад*:**<br>- мантро тарҷума карда аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ;<br>- фикру андешаи худро баён карда ба забони англисӣ;<br>- ҷумлаву ибора сохта ба забони англисӣ;<br>- матнро бо забони англисӣ озодона нақл намояд;<br>**аз худ намояд:**<br>- луғату истилоҳои фанни мазкурро;<br>- номгӯи маводҳоеро, ки доир ба ин фан нашр шудааст;<br>- номи китобҳои дарсиеро, ки аз ин фан таҳия шудаанд;<br>- номгӯи мавзӯъҳои асосии ин фанро. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Супоришҳои тестӣ, эссе, диктант |
| **Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ комютерӣ) |

## 1.3. МОДУЛИ ФАНҲОИ ТАБИЙ-ИҚТИСОДӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯИХОИ ИНФОРМАТСИОНӢ

**1.3.1.Технологияҳои информатсионӣ**

| | |
|---|---|
| **Тавсифи мухтасари фан** | Барномаи таълимии мазкур барои донишҷӯёни ғайриихтисоси информатика, ки аз рӯи низоми кредитии таҳсилот таълим мегиранд, ба сифати дастури асосии омӯзиши фанни информатика пешбинӣ шудааст.<br>✓ Манбаи аввал омӯзиши системаи иттилоотии тасвири олам ва қонуниятҳои иттилоотии умумии сохту тарзи кори системаҳои худидора, аз қабили системаҳои биологӣ, ҷамъиятӣ ва техникӣ мебошад. Хусусияти ин системаҳо дар имкони иҷрои мақсадноки амалҳо зоҳир гардида, рафтори онҳо тавассути узвҳои қабул, табдил ва татбиққунандаи иттилоотиашон идора карда мешавад;<br>✓ Манбаи дуюм ба омӯзиши усулҳо ва воситаҳои техникии дарёфт, гирдоварӣ, захира, табдил, ирсол ва истифодаи иттилоот бо ёрии компютер ва василаҳои технологии муосир бахшида шудааст. Ин манба |

Wondershare PDFelement

| | |
|---|---|
| | пеш аз ҳама ба татбиқи маводи таълимӣ дар ҳаёт ва ба фаъолияти амалӣ омода сохтани донишҷӯён алоқаманд мебошад. |
| **Намуди машғулиятҳо** | Лексионӣ, амалӣ, КМДРО, КМД |
| **Забони таълим** | Тоҷикӣ, русӣ |
